№2 (137)
27 феврали соли 2020

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года
Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:



КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН НИШАСТИ МАТБУОТӢ ДОИР НАМУД
саҳ. 4



САНЪАТИ МЕЪМОРИИ МИЛЛИРО БАЛАНД БАРДОРЕМ
саҳ. 4



ОМӮЗИШИ ПАЁМ ИДОМА ДОРАД
саҳ. 5



КАСБИ МЕЪМОРИРО САМИМОНА ДӮСТ МЕДОРАМ
саҳ. 8

# ПАЁМИ ШОДБОШӢ БА ИФТИХОРИ 27-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рафиқон генералҳо, афсарон ва сарбозони шуҷои Ватан!

Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ифодагари истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, иродаи қавии мардуми кишвар, матонату мардонагӣ ва ватандӯстиву ватандории фарзандони бонангу номуси он ба ҳисоб меравад, ҳар сол дар саросари мамлакат бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро самимона табрик гуфта, ба ҳамаи ҳомиёни содиқи Ватан тансиҳативу сарбаландӣ ва дар иҷрои вазифаҳои пурмасъулу бошарафашон муваффақият орзу менамоям.

Бисту ҳафт сол қабл - замоне, ки давлати ҷавони Тоҷикистон дар ҷодаи бунёди аркони давлатдории мустақил қадамҳои аввалини худро мегузошт, Артиши миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини он таъсис дода шуд.

Яъне давраи таъсиси Артиши миллӣ марҳалаи ниҳоят мураккабу вазнини давлатдории навини миллиамон буд.

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини он рӯзҳо, тамоми имкониятҳоро ба хотири таъмини шароити зарурии хизмат ва зиндагӣ барои ҳайати шахсии ҷузъу томҳои артиши навташкил равона сохт.

Ҳанӯз дар оғози таъсисёбии Артиши миллӣ, яъне дар шароити ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афсарону сарбозони шуҷоъ ба савганди ҳарбии худ содиқ монда, барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, қатъи ҷангу хунрезӣ, аз нестшавӣ ва пароқандагӣ нигоҳ доштани давлату миллат, истиқрори сулҳу оромӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон саҳми ниҳоят арзишманд гузоштанд.



Дар ин роҳ ҳазорон нафар афсарону сарбозони бонангу номус ва содиқу сарсупурдаи мо ҷони худро нисор карданд, ки хотираи неки онҳо дар қалби мардуми Тоҷикистон ҳамеша зинда хоҳад монд.

Минбаъд мо дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар марҳала ба марҳала Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ва Қӯшунҳои зудамалро таъсис дода, ба таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ ва дигар сохторҳои низомӣ шуруъ намудем.

Имрӯз намояндагони ҷузъу томҳои зикршуда ва дигар воҳидҳои низомӣ барои гузаштан аз паради ҳарбӣ саф кашидаанд, ки боиси ифтихору сарбаландӣ ва осудагии ҳар як сокини мамлакат мебошад.

Тайи солҳои сипаришуда даҳҳо ҳазор ҷавонони бонангу номуси Ватан аз тарбияи ин мактаби далериву шуҷоат, яъне хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ гузашта, қарзи муқаддаси фарзандӣ ва рисолати мардонагии худро адо намудаанд ва борҳо собит сохтаанд, ки Артиши миллӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муқаддасоти давлати соҳибистиқлол ва таъмини амнияти давлат ва ҷомеа бо сарбаландӣ баромада метавонанд.

Муҳтарам афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!

Ҳодисаҳое, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба амал омада, боиси ҳалокати ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ ва бехонумон мондани миллионҳо нафари дигар дар баъзе кишварҳои сайёра гардида истодаанд, моро водор месозанд, ки барои тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, ба хусусияти таҳдиду хатарҳои муосир мутобиқ гардонидани қудрати мудофиавии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва такмили сатҳи омодабошии ҷангии ҳайати шахсии он минбаъд низ тадбирҳои зарурии иловагӣ андешем.

>>> **Идомааш дар саҳ. 3** >>>



# АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН

Бахри нигоҳ доштани Ватану миллат, ҳифзи марзу буми ҳар як кишвар, ёдгориҳои таърихиву нигоҳдошт ва муҳофизати арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, билохира, бехатарии ҳар як сокини мамлакат вуҷуд доштани Артиш басо муҳим аст. Зеро бе ҳимоя ва пуштибонӣ аз Давлату Ҳукумат наметавон дар байни давлатҳои дунё мавқеъ ва обрую эътибор ба даст овард.



Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардид. Аз ибтидои соҳибистиқлолӣ бадхоҳони дохилию берунӣ бо дахолати давлатҳои хориҷӣ Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Сохторҳои фалаҷгардидаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ дар муқобили гуруҳҳои ҷиноятпеша истодагарӣ карда натавонистанд. Дар ин вазъият артише лозим буд, ки давлату миллатро муҳофизат карда тавонад. Масъалаи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ танҳо баъди Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузошта шуд ва ин ниҳоди муҳими давлатӣ дар як муддати кӯтоҳ амалан дар ҷойи холӣ таъсис ёфт. Ҳангоми суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.02.2019) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: “Вақте ки қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қабул гардид, мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассисону кадрҳои касбӣ”.

Ба душвориҳои зиёд нигоҳ накарда, заминаҳои асосии сохтори Артиши миллӣ дар соли 1993 гузошта шуд ва 23 феврали ҳамин сол аввалин паради ҳарбӣ доир гардид, ки ҳар сол ин сана ҳамчун санаи рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1997 аз се навъи қӯшун - қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ иборат буд. Дар тобеияти Вазорати мудофиа ҷузъу томҳои низомии алоҳида, ба монанди литсейи ҳарбӣ, Донишкадаи ҳарбӣ, Полки комендантӣ, қисмҳои ҳарбии таъминотӣ амал мекарданд. Минбаъд дар заминаи ислоҳоти ҳарбӣ Сарситод ба Ситоди генералӣ табдил ёфт. Қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид гардонида шуданд ва дар заминаи Коллеҷи олии низомӣ Донишкадаи ҳарбӣ таъсис гардид. Бо дарназардошти таҳдиди хатарҳои муосир навъи сеюми Қувваҳои мусаллаҳ, ё худ қӯшунҳои зудамал бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2003 дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шуд. Сершумортарин навъи Қувваҳои мусаллаҳ - Қӯшунҳои хушкигард соли 1993 ташкил гардид.

Имрӯз бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки Артиши миллӣ ҳамчун нерӯи муқтадир ва кафили амнияту осоиш, сулҳу суботи кишвар ташаккул ёфтааст.

Мусаллам аст, ки бе кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ ва соҳиби малакаи низомӣ ягон артиш муваффақ буда наметавонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи тарбияи кадрҳои ҳарбӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, сафҳои онро бо хатмкунандагони академияҳои гуногуни ҳарбӣ, афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ, инчунин, дастпарварони кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олӣ такмил дод. Айни замон зиёда аз 600 нафар хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҳарбии кишварҳои Русия, Қазоқистон, Чин ва Ҳиндустон таҳсил доранд.

Аз давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ то ба ин рӯз беш аз 5000 нафар ҷавон муассисаҳои олии ҳарбии мамлакат ва беш аз 600 нафар академияҳои ҳарбиро хатм кардаанд. Ҳоло зиёда аз 90 дарсади афсароне, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд, хатмкардагони донишкадаву академияҳои ҳарбӣ, яъне, мутахассиси соҳаи низомӣ мебошанд.

Дар таълимгоҳҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1400 нафар таҳсил доранд ва муассисаҳои номбурдаро ҳар сол 350 нафар хатм менамоянд. Вазорати мудофиа ҳар сол дар асоси қарордод беш аз 200 нафар хизматчии ҳарбиро ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии давлатҳои пешрафта мефиристад. Ҳамасола беш аз 150 нафар афсар дар хориҷи кишвар ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд.

Ҷаҳони муосир пур аз тазодҳост ва мубориазаҳо барои дарёфти манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, геополитикӣ ва иқтисодӣ шадидтар мегардад. Дар ин вазъият зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани эҳсоси хештаншиносӣ, ватандӯстию садоқат ба давлату миллат дар меҳвари диққати ҳама ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дошта бошад. Акнун имрӯз вақти он расидааст, ки ҳар як порча хоки Ватанро аз душманони бадандеш ҳифзу ҳимоя намуда, барои пешрафти ҷомеа ба таври якдилона ҷаҳду ҷадал намоем. Барои ба ин ҳадаф расидан омӯзондани ҷавонону наврасон ва мусаллаҳ гардондани онҳо бо донишҳои муосири сиёсӣ хеле муҳим аст. Пешгирӣ аз терроризму амалҳои даҳшатафканӣ, талқини ғояҳои инсондӯстӣ метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як давлати амну пешрафта табдил бидиҳад. Халқи тоҷик аз аввал таҳаммулпазир ва хушбин аст, бинобар он, ба ин масъала метавон мутмаин гардид.

***Ҳотами ҲОМИД***

# СУРУДИ САРБОЗОН

***Камол НАСРУЛЛО***

*Сар барафрохта сарбози Ватан мову туем!*
*Сипари нанги дари бози Ватан мову туем!*
*То ки хуршеди амонӣ бидурахшад ба само,*
*Мурғи толеъи ту бошад зи ҳама банд раҳо,*
*Бо дилу бозуву дасту тани тобовари худ*
*Сипари ҳифзи Ватан — модари худ, хоҳари худ,*
*Саф кашидем, Ватан, аз сари нанг, аз сари ор,*
*Марз то марзи ту бо ҳиммату ҷони ба*
*нисор!*
*Кист сарбози Ватан?! Мову туем,*



*мову туем!*
*Боли парвози Ватан?! Мову туем, мову туем!*
*Ҷони мардони шарафманди Ватан рӯи каф аст!*
*Дар раҳи нанги Ватан мурдани мардон шараф аст!*
*Randoнчунон бош, ки бошӣ тану симои Ватан!*
*Дар сари шонаи худ дошта фардои Ватан!*
*Кист сарбози Ватан?! Мову туем, мову*
*туем!*
*Боли парвози ватан?! Мову туем, мову*
*туем!*

# ПАЁМИ ШОДБОШӢ БА ИФТИХОРИ 27-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

<<< Идома аз саҳ. 1 <<<



Бахусус, вазъи зудтағйирёбандаи ҳарбиву сиёсии сайёра, аз ҷумла, минтақа, торафт густариш ёфтани доираи фаъолияти гурӯҳу созмонҳои террористиву экстремистӣ, инчунин, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ тақозо менамояд, ки дар самти ҳимояи истиқлоли Ватани азизамон, ҳифзи амнияти давлату ҷомеа ва зиндагии осоми сокинони мамлакат доимо зираку хушёр ва омода бошанд.

Дар чунин шароит тамоми хизматчиёнии ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - аз сарбози қаторӣ то афсарони баландрутба вазифадоранд, ки донишу таҷриба ва малакаву маҳорати худро ба ҳимояи дастовардҳои замони истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва хизмати содиқона ба манфиати халқу Ватан сафарбар созанд.

Дар ин раванд, ба роҳбарони сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фармондеҳони ҷузъу томҳои ҳарбӣ зарур аст, ки ба масъалаи риояи ҳатмии талаботи қонун ва оинномаҳои низомӣ, тарбия ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати шахсӣ эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир намоянд.

Мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фарзандони бонангу номус ва далеру шуҷои худро мебинанд, ки ба савганди ҳарбӣ ва халқу Ватани худ ҳамеша содиқу вафодор ҳастанд.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ ва матонату мардонагии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони озод эътимод дорам ва бо ифтихору итминон изҳор медорам, ки онҳо минбаъд низ истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори ҷашни бистуҳафтсолагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тансиҳативу хушбахтӣ, сарбаландиву саодат ва ба Тоҷикистони озоду соҳибихтиёрамон суботу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!

***www.president.tj***

# ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ НАМОИШИ АКСҲО БАХШИДА БА 27-СОЛАГИИ АРТИШИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ГАРДИД





15 феврал дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши аксҳо бахшида ба 27-солагии Артиши миллӣ таҳти унвони «Артиши миллӣ – сипари боэътимоди Ватан» оғоз гардид. Дар маросими кушодашавии он намояндаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Шарипов, муовини якуми директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон Зафаршо Иброҳимзода, донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои олии мамлакат, хонандагони муассисаҳои таълимии умумӣ ва афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ иштирок намуданд.

Дар маросими мазкур Зафаршо Иброҳимзода иброз дошт, ки «мақсад аз ташкили намоиши мазкур инъикоси муфассали фаъолияти заҳматталаб ва бошарафу содиқонаи муҳофизони Тоҷикистон буда, ба ин восита дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон мебошад».

Намояндаи Вазорати мудофиа Суҳроб Шарипов аз дастовардҳои Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ ёдовар шуда, иброз дошт, ки «Артиш яке аз нишонаҳои асосии мавҷудият ва пояи устувори давлат мебошад. Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи бузургест, ки амнияту осоиштагии мардумро таъмин намуда, кафили сулҳу суботи ҷомеа мебошад».

Дар намоишгоҳ 88 акс, тамринҳои ҳарбии ҷузъу томҳои низомии мамлакат тавассути оинаи нилгун, инчунин аксҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори Артиши миллӣ бо афсарону сарбозон ҳангоми боздид аз ҷузъу томҳои низомӣ ва иштирок дар машқгоҳҳои ҳарбиро ба маъраз гузошта шуданд.

Зимни маросим бо мақсади баланд бардоштани руҳияи ватандӯстӣ аз ҷониби корманди Осорхона Ҳасан Нурматзода, корманди ансамбли «Шараф»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Худойназар Назаров ва хонандаи синфи 10 Муҳаммадиқбол Мастонов дар васфи Ватан сурудҳо қироат гардиданд.

Тавре сардори шуъбаи таърихи нав ва навтарини Осорхонаи миллии Тоҷикистон Фирдавси Абдулҳамид иброз намуд, ин намоиш аз ҳамоишҳои гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Зеро дар он дастовардҳои 27 соли Артиши миллӣ тариқи аксҳо пешниҳоди тамошобинон гардиданд.

Бояд тазаккур дод, ки 18 декабри соли 1992 аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Дар асоси он Қувваҳои мусаллаҳи мо дар заминаи неруҳое, ки ҳукумати конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд, таъсис ёфт. 23 феврали соли 1993 нахустин паради ҳарбӣ баргузор гардид ва он рӯз расман санаи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар ҳақиқат ба сипари боэътимоди давлат, ҳимоятгари асосии сокинони мамлакат ва осоиштагии ҷомеа табдил гардидааст.

Намоиши мазкур то 24 феврал идома ёфт.

***АМИТ «Ховар»***

# КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН НИШАСТИ МАТБУОТӢ ДОИР НАМУД




Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолияташ дар соли 2019 нишасти матбуотӣ доир намуд. Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода дар баромади худ ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки дар соли 2019 инвеститсияи сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ ба маблағи 12 миллиарду 140 миллиону 300 ҳазор сомонӣ истифода шудааст. Ҳамчунин дар ин муддат ба масоҳати умумии 1 миллиону 364 ҳазору 500 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шуданд. Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои 21706 ҷойи талаба, беморхона барои 469 кат, дармонгоҳ барои 1059 қабул дар як баст ва муассисаҳои томактабӣ барои 1325 ҷой ба истифода дода шудаанд.

Қайд гардид, ки то имрӯз аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳияи нақшаҳои генералии 62 шаҳру ноҳияҳо пурра ба анҷом расида, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, мариди амал қарор доранд.

Пажуҳишгоҳҳои лоиҳакашӣ ва Корхонаҳои воҳиди давлатӣ дар соли 2019 ба маблағи 31190244,0 сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ, хизматрасонӣ, ҷустуҷӯию тадқиқотиро ба анҷом расониданд, ки ин 111,1 дарсади ҳамин давраи соли 2018-ро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби Кумита таҳияи «Маҷмӯи ҳарсемоҳаи нархҳои миёнаи харҷномавӣ ба захираҳои асосии сохтмон», Ахборотномаи ҳарсемоҳаи нархгузорӣ ва индексҳои ҷории бозҳисобкунии арзиши корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ, васлгарӣ ва ба корандозиро ба анҷом расониданд.

Дар ин давра тибқи Нақшаи корӣ мутахассисони Кумита ҷиҳти ба роҳ мондани назорати ҳолати риоя ва тадбиқи амалӣ намудани нақшаҳои генералӣ ба шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, Леваканд, Ҷалолиддини Балхӣ, Дарвоз, Ванҷ, Исфара, Хуҷанд, Бобоҷон Гафуров ва ғайра сафарбар карда шуданд.

Аз натиҷаи боздиди гуруҳҳои корӣ барои дар доираи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии тасдиқшуда ба роҳ мондани фаъолияти шаҳрсозӣ ва ба танзим даровардани маркази шаҳру ноҳияҳо, ободонии ҳудуд, ҳалли маҷмӯавии бунёди иншоот ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба унвонии мақомотҳои зикршуда мактуби расмӣ ирсол карда шуд ва раванди иҷроиши он зери назорат қарор дорад.

Ҷамшед Аҳмадзода хотиррасон намуд, ки корҳои сохтмониву ободонӣ дар иншооте, ки ба истифода додани онҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудаанд, зери назорати мутахассисони Кумита қарор дошта, дар асоси санҷишҳои дар ин самт гузаронида шуда, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи маркази ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ мунтазам маълумоти муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида истодааст.

Дар масъалаи Комиссияи кории Кумита оид ба ҳалли фаврии масъалаҳои «НБО Роғун» сарвари сохтмончиёни ҷумҳурӣ қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои супоришҳои Шӯрои нозирон, Ситоди ҷумҳуриявӣ, иҷрои Нақшаи тақвимии бакорандозии иқтидорҳои нерӯгоҳ чораҳои зарурӣ андешида, масъалаи бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ таъмин кардани нерӯгоҳ, масъалаҳои ҷойдоштаи нархгузорӣ ва техникии иншоот ва дархостҳои ташкилотҳои дар «НБО Роғун» фаъолиятдошта, ҳаллу фасл гардиданд. Аз тарафи мутахассисон дар давоми соли 2019 оид ба назорати сифати корҳои сохтмону васлгарӣ дар иншооти «НБО Роғун» 424 санҷиш гузаронида шуда, 575 камбудиҳо ошкор карда шуданд. Ҳамзамон барои ислоҳ кардани камбудиҳову нуқсонҳои ҷойдошта ба масъулини сохтмон 131 адад амрномаҳо супорида шуд.

Кумита дар ҳамбастагӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои протоколии Ситоди ҷумҳуриявӣ ва Шӯрои нозирони ЧСК «НБО Роғун» ва ҳамчунин масъалаҳое, ки аз ҷониби Гуруҳи тадбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда буданд, мавриди баррасӣ қарор дода, дар мӯҳлатҳои муайян ба иҷро расонид.

Чун ҳарвақта, хабарнигорон ба саволҳои худ аз ҷониби Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисону роҳбарони зерсохторҳои Кумита посухҳои мушаххас гирифтанд.

***Д. НУРЗОДА,***
***«Рӯзномаи бинокорон»***

# САНЪАТИ МЕЪМОРИИ МИЛЛИРО БАЛАНД БАРДОРЕМ

Санаи 21 феврали соли 2020 дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини Раиси Кумита Раҳматуллозода Шаҳноз Ибодулло бо иштироки роҳбарон, сармеъморон, сармуҳандиси лоиҳаҳо ва меъморони ташкилотҳои лоиҳакашӣ семинар-машварат дар мавзӯи «Таҳлили ҳуҷҷатҳои лоиҳавии ба Кумита барои баррасии пешакӣ пешниҳодшуда ва тавсияҳо оиди баланд бардоштани санъати меъморӣ дар лоиҳакашӣ» баргузор гардид.



Муовини Раиси Кумита Шаҳноз Ибодулло қайд намуд, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати лоиҳаҳо ва санъати меъморӣ дар Кумита Комиссияи байнидоравӣ оид ба баррасии пешакии лоиҳаи биноҳои маъмурӣ, ҷамъиятӣ ва истиқоматӣ таъсис дода шуда, барои дуруст ба роҳ мондани ҷойгиршавии биноҳо ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ будани тарҳ ва намои биноҳо хулосабарорӣ намуда, ба лоиҳакашон тавсияҳои зарурӣ медиҳад.

Қайд гардид, ки дар соли 2019 47 ҷаласаи Комиссия баргузор гардида, дар маҷмуъ 464 лоиҳаҳои ангоравӣ ва корӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва нисбати ҳар як лоиҳа таклифу пешниҳодҳо ирсол гардиданд. Аз 464 лоиҳаи баррасигардида, 309 лоиҳа бо таклифу пешниҳодҳои зарурӣ ва ба инобатгирии он дар лоиҳаҳои корӣ қобили қабул ҳисобида шуда, барои пешниҳод ба Раёсати экспертиза тавсия дода шуд.

Дар баробари ин ба 155 лоиҳаи дигар бо назардошти ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида, тарҳ ва намои бинову иншоот ва зарурияти пешниҳоди иловагӣ барои такмил ва тасҳеҳи минбаъда баргардонида шуданд.

Муовини Раиси Кумита дар семинар-машварат нисбати камбудиҳои ҷойдошта дар самти лоиҳакашии бинову иншоот муфассал қайд намуда, дар ҷамъбасти чорабинӣ ба роҳбарони ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва мутахассисон барои баланд бардоштани сифати корҳои лоиҳакашӣ бо истифодаи технологияи инноватсионӣ, унсурҳои меъмории миллӣ ва таҷрибаи меъмории аврупоӣ ва муосир, баланд бардоштани малакаи касбии мутахассисон ва минбаъд роҳ надодан ба камбудиҳо таклифу пешниҳодҳои мушаххас баён намуд.

***Хабарнигори "РБ"***



# ОМӮЗИШИ ПАЁМ ИДОМА ДОРАД



Дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иштироки муовини сардори Раёсати тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Саидзода Муҳаммади Қурбоналӣ, корманди Сарраёсати муқовимат бо коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷидӣ Абдукарим, кормандони дастгоҳи марказӣ, роҳбарон ва кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита вохӯрии судманд баргузор гардид.

Муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳноз Раҳматуллозода дар сухани ифтитоҳии худ қайд намуд, ки Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат, ки рӯзи 26 декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид, ҳамчун ҳуҷҷати фарогири таҳлилу баррасии амиқи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва дурнамои рушди устувори кишварро дар ҳамаи самтҳо, аз бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, рушди бахши хусусӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, саноатикунонии кишвар, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ, баргузории муҳимтарин чорабиниҳои сиёсӣ ва байналмилалии соли 2020 ва дигарҳо иборат мебошад, дарбар мегирад.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат моҳияти равандҳои асосии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзёбии амиқ ёфта, маҷмӯи масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат баррасии ҳамаҷониба гашта, барои рушди устувори ҳар як соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо дастуру супоришҳои қатъӣ ва таклифу ҳидоятҳои зарурӣ дода шуданд.

Вобаста ба қисмати соҳаи сохтмону меъморӣ ва масъалаҳои корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки сохтмон яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ, инъикоскунандаи рушди кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад. Бо мақсади беҳтар намудани пешбурди фаъолият дар соҳаи меъмориву шаҳрсозӣ ва сохтмон санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа такмил дода шудаанд.

Танҳо дар давоми ҳафт соли охир ба маблағи беш аз 37 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта, қариб 8 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии мамлакат ва бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардуми кишвар 135 ҳазор гектар замин барои бунёди манзили истиқоматӣ тақсим карда, дода шуд.

Доир ба ин масъала кормандони соҳа вазифадор гардиданд, ки ҳангоми бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти гуногун бояд санъати меъмориро риоя намуда, барои боз ҳам беҳтару зебо гардидани симои шаҳру деҳот кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар робита ба ин, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти марбута уҳдадор гардиданд, ки дар вақти таҳияи нақшаҳои шаҳраку деҳот, банақшагирии бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва иншооти дигар риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, истифодаи васеи суннату унсурҳои меъмории миллӣ ва сифати масолеҳи сохтмонро таъмин намоянд.

Барои таъмини рушди соҳаи сохтмон ҷиҳати ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонидани сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ дар дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба ҳамаи сокинони мамлакат муроҷиат намуданд, ки то ҷашни муқаддасу бузурги 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ҳар як оила ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин кӯшиш намояд, - гуфт Ш. Раҳматуллозода.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои баёншуда Нақшаи чорабиниҳои Кумита тасдиқ карда шуда, баҳри иҷрои он кормандони масъули Кумита вазифадор карда шуданд. Албатта, ҳамаи кормандони соҳа дастуру супоришҳоро сармашқи кори худ намуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳо барои таъмини иҷрои он кӯшиш ба харҷ ҳоҳанд дод.

Муовини сардори Раёсати тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Муҳаммади Қурбоналӣ дар суханронии худ ба аҳли толор мавзую мухтавои Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, қайд намуд, ки Паём чун ҳуҷҷати роҳнамо тамоми рукнҳои асосии фаъолияти ҷамъиятиро дар бар гирифта, вазифаҳо ва амалҳои барои рушди мамлакат равонаро пурра мураттаб сохтааст. Ин ҳуҷҷати таърихӣ мазмунан ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошта, бори дигар собит намуд, ки дар бахшҳои мухталифи мамлакат нишондиҳандаҳои рушд дақиқан ва мазмунан шарҳ дода шудаанд. Чунин пешравиҳо бешубҳа аз рушди босуботи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар Паёми навбатии хеш Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар дастур доданд, ки «олимону донишмандони моро зарур аст ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойинҳои мардумӣ низ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд».

Аз зумраи самимияти Президенти мамлакат баҳри баланд бардоштани маърифати таърихӣ интишори китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва тақсими он байни мардум мебошад. Ин асар фарогири маводи арзишманди илмӣ ва яке аз манбаъҳои муътамад роҷеъ ба таърихи миллати озодаи тоҷик буда, авзои сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷиконро дар марҳилаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар анҷоми ҷаласа Ш. Раҳматуллозода гуфт, ки чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: "Мо ҳамаи иқтидору имкониятҳоро дорем, ки раванди ободкориву созандагиро беш аз пеш густариш бахшем, барои расидан ба ҳадафҳои миллиамон кӯшишу ғайрати бештар намоем, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ камбудиҳои мавҷударо бартараф кунем, рушди устувору босуботи кишвари азизамонро таъмин созем ва рӯзгори ҳар як хонадони Тоҷикистонро аз имрӯза беҳтар гардонем".



Албатта, мо кормандони соҳа дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштан, сармашқи кори худ намуда, баҳри таъмини иҷрои он кӯшиш ба харҷ медиҳем.

***Д. ТАБАРОВА,***
***Хабарнигори "РБ"***

# БА ФАСОД РОҲ НАДИҲЕМ!

## *Оид ба иҷроиши «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»*

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013 таҳти №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», иҷрои Протоколи №2к/1-31 ҷаласаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2018, Нақшаи кори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ҷиҳати амалисозии «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсия), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016 таҳти №465 тасдиқ шудааст ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ, роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ ва татбиқи иҷрои «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» чораҳои зарурӣ меандешад.

Қобили зикр мебошад, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фаъолиятро ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатӣ, танзими меъёрии ҳуқуқӣ, хизматрасонии давлатӣ ва назорати давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмонӣ анҷом медиҳад.

Кумита дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор дода, фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ менамояд.

Дар доираи салоҳиятҳо Кумита роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи он, интизоми иҷроия, шаффофият ва истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои буҷетиро таъмин намуда ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ, роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ ва татбиқи иҷрои «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Мавриди зикр аст, ки барои фаъолият ва нигоҳдории Кумита, банақшагирии моддаҳои гуруҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои ҳар сол дар асоси рақамҳои назоратӣ ва ҳисоботҳои пешакии хароҷотҳо амалӣ шуда, дар ин замина сметаи хароҷотии дастгоҳи марказии Кумита, корҳои тадқиқотию ҷустуҷӯӣ ва илмӣ барои ҳар соли молиявӣ алоҳида таҳия гардида, барои тасдиқ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.




Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки маблағҳои ҷудогардида барои нигоҳдории дастгоҳи марказии Кумита, аз ҷумла, номгӯи таҳияи лоиҳаҳои сохтмонӣ, нақшаҳои генералӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ дар соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи суратҳисоби ягонаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешаванд.

Баҳри пешгирӣ намудан аз хароҷотҳои ғайриқонунӣ, вобаста ба хариди арзишҳои молию моддӣ, маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ оиди мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ дар хароҷоти дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» бо тариқи озмун дар ҳамбастагӣ бо Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шудаанд.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида аз тарафи раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита нақшаи дохилиидоравии иҷрои чорабиниҳо қабул карда шудааст ва назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ таъмин гардида ҷиҳати пешгирӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ дар ин самт чораҳои таъхирнопазири пешгирикунанда андешида мешавад.

Тибқи талаботи банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» аз 30 августи соли 2013 таҳти №1504 ва бо мақсади таъмини иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, инчунин таъмини назорати дурусти истифодаи маблағҳои буҷетӣ бо фармоиши раиси Кумита аз 12 августи соли 2016 таҳти №54/ф Комиссия оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия таъсис дода шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 3 Нақшаи кори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 бо фармоиши раиси Кумита аз 1 июни соли 2018 таҳти №55/ф ба сардори шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосиботи дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолов Сайбаҳром Тоҷиддинович корҳо оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия вобаста карда шудааст.

Қобили зикр мебошад, ки фаъолият дар бораи додани ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ мунтазам мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дошта, ҷиҳати бартараф намудани норасоӣ ва мухолифатҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти №172 «Дар бораи тасдиқи низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Аз ҷумла, бо мақсади беҳтар намудани раванди иҷозатномадиҳӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2014 таҳти №235 ба боби 27 низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият замимаи 5 “Тартиби муайян намудани сатҳи масъулиятнокии корҳои иҷрошаванда ҳангоми иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмони биноҳо ва иморату иншоот, аз ҷумла, васеъкунӣ, азнавсозӣ, таъмир ва барқарор кардани объектҳои мавҷуда” илова карда шуд.

Мутобиқи муқаррароти қарори мазкур раванди иҷозатномагирӣ хеле содда гардида, шумораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани иҷозатнома аз чордаҳ ба ҳафт адад расонида шуданд. Ба довталаб иҷозатнома вобаста ба имкониятҳояш аз рӯи сатҳи масъулиятнокии дараҷаи I, II, ва III иҷозатнома дода мешавад. Сатҳи масъулиятнокии корҳои иҷрошаванда ҳангоми фаъолияти лоиҳакашӣ, тадқиқотӣ ва сохтмонӣ ба се дараҷа ҷудо карда шуда, иҷозатномадор ҳуқуқи иҷрои намуди корҳоеро дорад, ки сатҳи масъулиятнокии онҳо дар иҷозатнома нишон дода шудааст.

Бояд зикр намуд, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 августи соли 2019, №401 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти №172» ба банди 2 боби 27, бандҳои 18, 24 замимаи 5 боби 27 ва банди 4 боби 28 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти №172 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» тасдиқ шудааст, тағйиротҳо ворид карда шуданд.

Қарори мазкур бо мақсади ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 «Дар бораи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ намудани банди 2 боби 27 ва банди 4 боби 28 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст, таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Илова ба ин, баъд аз қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №335 «Дар бораи сохтмони биноҳои на кам аз панҷошёнаи истиқоматӣ дар марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар фаъолияти ташкилотҳои иҷозатномадори сатҳи масъулиятнокии дараҷаи III, мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд. Зеро ташкилотҳои иҷозатномадори сатҳи масъулиятнокии дараҷаи III тибқи иҷозатномаи доштаашон метавонанд танҳо корҳои сохтмонию лоиҳакашии биноҳои баландиашон то 3 ошёнаро иҷро намоянд.

Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №335 минбаъд дар маҳалҳои аҳолинишини қисматҳои марказӣ ва хиёбону кӯчаҳои асосии марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони биноҳои на кам аз панҷошёнаи истиқоматӣ ба роҳ монда шудааст.

**>>> Идомааш дар шумораи оянда >>>**

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «20» январи соли 2020, №8/ф, ш. Душанбе

## *Дар бораи тасдиқи меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ 30-11-2019) «Тартиб оид ба минтақабандии функсионалӣ ва истифодаи ҳудудҳо» 120.030.030.*

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ 30-11-2019) «Тартиб оид ба минтақабандии функсионалӣ ва истифодаи ҳудудҳо» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

***2.*** Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳият вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода***

***Фармоиш дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2020, таҳти рақами 1016 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.***

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «18» феврали соли 2020, №25/ф, ш. Душанбе

## *Дар бораи албоми «Ҳаллҳои намунавии ҷойгиронии кондитсионерҳои марказонидашуда дар намои биноҳо»*

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Албоми «Ҳаллҳои намунавии ҷойгиронии кондитсионерҳои марказонидашуда дар намои биноҳо» маъқул дониста шавад (замима мегардад).

***2.*** Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» ҷиҳати идома додани фаъолият дар самти таҳия ва мукаммалгардонии ҳаллҳои намунавии ҷойгиронии кондитсионерҳои марказонидашуда дар намои биноҳо чораҳои зарурӣ андешад.

***3.*** Фармоиши мазкур дар «Рӯзномаи бинокорон», маҷаллаи «Меъморӣ» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда шавад.

***4.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳият вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода***

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «21» феврали соли 2020, №29/ф, ш. Душанбе

## *Дар бораи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 11-205-2019) «Дастурамали вазифавии кормандони муҳандисӣ техникии соҳаи сохтмон»*

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Ҳуҷҷати роҳбарикунандаи системаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 11-205-2019) «Дастурамали вазифавии кормандони муҳандисӣ-техникии соҳаи сохтмон» тасдиқ карда мешавад (замима мегардад).

***2.*** Фармоиши мазкур дар «Рӯзномаи бинокорон», маҷаллаи илмӣ-оммавӣ ва фарҳангии «Меъморӣ» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) интишор карда шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳият вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода***

## ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

| № | Номи мансаб | Миқдор | Маош (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Мудири бахши муҳосиботи Хадамот | 1 - ҷой | 1154,00 |
| 2 | Сармутахассиси гурӯҳи санҷишии Хадамот | 1 - ҷой | 1086,00 |
| 3 | Сармутахассиси Хадамот дар минтақаи Кӯлоб | 1 - ҷой | 1086,00 |
| 4 | Сармутахассиси Хадамот дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ | 1 - ҷой | 1086,00 |
| 5 | Сармутахассиси Хадамот дар НБО “Роғун” | 1 - ҷой | 1103,00 |
| 6 | Мутахассиси пешбари Хадамот дар вилояти Суғд | 1 - ҷой | 888,00 |
| 7 | Мутахассиси пешбари Хадамот дар минтақаи Бохтар | 1 - ҷой | 888,00 |
| 8 | Мутахассиси Хадамот дар минтақаи Кӯлоб | 1 - ҷой | 732,00 |
| 9 | Мутахассиси Хадамот дар вилояти Суғд | 1 - ҷой | 732,00 |
| 10 | Мутахассиси Хадамот дар минтақаи Бохтар | 1 - ҷой | 732,00 |

***Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:***

***1.*** Ариза ба унвони сардори Хадамот;
***2.*** Маълумотномаи шахсӣ (CV);
***3.*** Варақаи шахсӣ;
***4.*** Тарҷумаи ҳол;
***5.*** Сурат 3х4 (4 дона);
***6.*** Нусхаи шиносномa;
***7.*** Нусхаи диплом;
***8.*** Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
***9.*** Нусхаи дафтарчаи ақди никоҳ;
***10.*** Маълумотнома аз андоз (ИНН);
***11.*** Маълумот дар бораи даромад ва ваъзи молу мулк (эъломия);
***12.*** Маълумотнома аз духтур (шакли 086УЕ);
***13.*** Маълумотнома оид ба доғи судӣ;
***14.*** Нусхаи билети ҳарбӣ;
***15.*** Маълумотнома аз ҷойи истиқомат.

***Ҳуҷҷатҳои довталабон баъди нашри эълон дар давоми 21 рӯз қабул карда мешаванд.***

***Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:***
***ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 34, Бахши кадрҳо ва ҳуқуқ, тел.: 221-42-77.***

# КАСБИ МЕЪМОРИРО САМИМОНА ДӮСТ МЕДОРАМ



Бо шарофати даврони давлатдории навини тоҷикон, шукри замони соҳибистиқлолӣ имрӯз мутахассисони нав дар ҳамаи ҷабҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба воя мерасанд, ки феълан дар корҳои созандагии сартосарии ватани азизамон нақши муассир мегузоранд. Хушбахтона, имрӯз дар кишвар соҳате нест, ки нерӯи асосии пешбаранда он ҷо ҷавонон набошанду саҳми худро дар рушду нумӯи Тоҷикистон нагузоранд. Табиист, ки соҳаи сохтмон, меъморию лоиҳакашӣ ва шаҳрсозӣ низ дар ин радиф истисно нест. Диди наву мусаллаҳ бо донишҳои даврони муосир ба ҷавонон имрӯз шароит фароҳам меоварад, ки дар ин ҷабҳа низ бо бунёди иншооти азими аср, аз қабили НБО Роғун, корхонаҳои ҷавобгӯй ба навгониҳои инноватсионии тавлидоти маҳсулоти саноати куҳиву мошинсозӣ, ғизоӣ ва коркарди нафту газ мақому мавқеи мушаххаси хешро дар ёбанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар Паёми навбатии худ ва ҳам қаблан ҳам таъкид бар он доранд, ки ба ҷавонон эътимод дошта бошему бештар такя кунем, то ин ки дар идоракунии давлат фаъолу мустақил қадам зананд. Дар давоми ду се соли охир чун дигар соҳаҳо ба сохтмон, шаҳрсозию меъморӣ ҳам, ки дар дигаргунсозии симои кишвар нақши калидӣ дорад, теъдоди зиёди хатмкунандагони макотиби олии худи Тоҷикистон ва кишварҳои дигар омада, аз пайи кор шуданд, ки мо аллакай самари ақлонию зеҳнии онҳоро дар мисоли садҳо иншооти муҳими хурду бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию варзишӣ дар ҳамаи манотиқи мамлакати азизамон мебинему ба ваҷд меоем ва ифтихор ҳам мекунем. Ин раванд ҳам табиист, наслҳо иваз мешаванду кишварҳо мутобиқ ба давр равнақ меёбанд. Ширкатҳои сохтмонӣ ва шаҳрсозӣ, лоиҳакашию меъморӣ низ дар ҷумҳурӣ аз ҳамин ҳисоб нерӯи нав дарёфтанд. Бо ифтихор метавон гуфт, ки ҳоло ҳозир ҷавонон бо касби меъмориву лоҳакашӣ ҷолибтарин иншоотро руйи коғаз меоранду татбиқашро дар марказҳои шаҳру навоҳии кишвар, рустоҳои дурдасти куҳистон мебинем.

Нодирахон Тошматова, меъмор-лоиҳакаши ҶДММ "Суғдшаҳрофар" аз ҷумлаи ана ҳамин ҷавонони хушбахту хуштолеи даврони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад, ки дар фазову муҳити нави хонаводагӣ: зиёӣ ва ҷомеаи солим тарбияву ташаккул ёфта, имрӯз бо орзуву хаёлҳои рангин ҷиҳати боз ҳам ободу зебо сохтани сарзамини аҷдодии худ пайваста дар талош мебошаду тарҳи даҳҳо, садҳо иншоотеро, ки зебу зиннати шаҳру деҳоти мо хоҳанд буд, омода месозад.



Мавсуф соли 2009 баъди хатми мактаби хусусии таҳсилоти миёнаи ба номи Пӯлотови шаҳри Хуҷанд бе ҳеҷ як дудилагӣ ба хотири дар оянда соҳиби касби меъморӣ будану боз ҳам зебо гаштани шаҳру диёри худ ҳуҷҷатҳояшро ба риштаи сохтмонии бахши хуҷандии Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ супорида, ба орзуву нияташ мерасад ва аллакай наздик ҳафт сол мешавад, ки таҷрибаи ғании ҳамкасбони соҳибтаҷрибаро омӯхта, ҳамзамон донишҳои муосирро дар иртибот ба касби худ дар ҳаёт роҳандозӣ мекунад.

- То анҷоми синфи ёздаҳум ба касе: на ба падар ва на ба модар нагуфтаам, ки касби меъмориро дӯст медораму дар ҳамин ришта таҳсил хоҳам кард, - иброз медорад Нодирахон, - вале аз синну соли кӯдакӣ ин касбро бо шарофати падарам, ки бинокори касбӣ - лоиҳакаш Бобоев Абдумӯъмин мебошад ин шуғлро самимона, бо тамоми ҳастиам дӯст доштам. Охир чи хел ин касбу корро дӯст надорӣ, ки ба дили ҳазорон-ҳазор одамони касбу кори гуногун шодию фараҳ мебахшӣ. Ҳамеша ба коргоҳи падар мерафтаму ба худ бисёр чизҳоро мегирифтам, шояд аз ҳамин сабаб таҳсил дар Донишгоҳи политехникӣ хеле осон ва шавқовар ҷараён гирифта, чи хел гузаштани вақтро нафаҳмидам. Модари азизам Фароғат Маҳмудова, ки худ устоди ҳамин донишгоҳ мебошад, ҳамеша маро таскин мебахшиду дастгирӣ мекард. Имрӯз аз интихоби касби худ ифтихор дораму онро ҳар лаҳза боз бештар меписандам ва мудом дар хаёли офаридани тарҳҳои нав ба наву самтҳои гуногун мебошам.

Нодира ҳанӯз дар даврони донишҷӯ буданаш, мушахассан, дар курси дуввум дар баргузории озмуни Донишоҳ барои офаридани бехтарин лоиҳаи дарвозаи даромадгоҳи мактабашон ғолиб омада, то ба имрӯз он лаҳзаҳоро фаромӯш накардааст ва ин кори нахустини мустақилона ба ӯ сарчашмаи илҳом шудааст. Пас аз ин амал тахаюлоти эҷодиашаш боз ҳам дуродуру боз ҳам баландтар парвоз карда, тарҳҳои нав ба нав меофариду ҳар рӯз онҳоро азнавсозӣ кардаву дигургунӣ медароварад, ки самарааш иншооти басо дилчаспу зебо буданд.

***Ҳаққи устод аз падар беш аст,***
***В-аз падар устод дар пеш аст.***
***Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,***
***Устод аз наҷот баҳра диҳад.***

Агар ҳини офаридани ин ё он тарҳ мушкилие пеш ояд аз устодаш Даврон Орипов, ки мутахассиси хеле варзидаву хатмкунандаи Донишкадаи Маскав мебошад, мепурсид. Ва ё устоди дигараш Абдуҷаббор Валиевро доим вирди забон меоварад, ки ӯро руҳбаланд месохту таскин мебахшид. Имрӯз бо гузашти рӯзҳову солҳо Нодира арзи сипос дорад ба ин устодонаш, ки “качу килебиҳо”-и ӯро дар лоиҳакашиву меъморӣ ислоҳ бахшида, ба роҳи дуруст ҳидоят мекарданд.

Миёни лоиҳаҳои мустақилонаи Нодира Тошматова нишони миллӣ, ки дар ноҳияи Ҷаббор Расулов руйи кор омад, боиси шодиву ифтихораш мебошад. Моҳи августи соли 2019 дар маросими ба истифода додани иншооти мазкур бевосита Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок дошта, ба офарандаи ин лоиҳа арзи сипос карданд. Имсол, аниқтараш, дар тантанаҳои наврӯзӣ дар қатори чанд иншооти муҳими иҷтимоиву фарҳангӣ дар шаҳри соҳили “Бахри тоҷик” - Гулистон иншооти фароғатии барбикю: амфитеатр ва дигар хизматрасониҳо дар пешниҳоди хӯришҳои миллӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт, ки муаллифи лоиҳа Нодира Тошматова мебошад.

Соли равон ҳамчунин як лоиҳаи дигари бону - маркази хизматрасонӣ дар шаҳри Истаравшан бояд татбиқи худро пайдо кунад, инчунин интизор меравад, ки дар ин шаҳри тиҷоратии кишвар бори нахуст дар қаламрави вилояти Суғд эстакадаи замонавӣ бунёд шавад, ки муаллифи он низ Нодира мебошад.

Имсол дар шаҳри Бохтар низ боғи фароғатие бо тарҳи наву замонавӣ, амфитеатр бунёд мешаванд, ки дар тарҳи ин лоиҳа саҳми Нодирахон калидист. Худи ҳамин сол чанде дигар лоиҳаҳо бону дар шаҳри Хуҷанд, навоҳии Истаравшану Бобоҷон Ғафуров ва Ашт амалӣ мешаванд.

Умуман, имрӯз дар фаъолияти бонуи лоиҳакашу меъмор Нодирахон Тошматова ҷӯшу хуруши эҷодӣ ба мушоҳида мерасад.

Мехоҳад ҳар гӯшаву канори ватан обод бошаду ба меҳмонони хориҷӣ муаррифӣ кунад, ки мо воқеан ҳам ворисони сазовори Сомониён буда, аз авлодони миллати тамаддунсоз ҳастем.

- Аз рӯи мушоҳидаҳои ҳаррӯза метавон гуфт, ки имрӯз дар самти меъмориву лоиҳакашӣ мо аз мутахассисони хориҷӣ он қадар қафо намондаем, - таъкид мекунад Нодирахон, - иншооти дар кишвари мо бунёдшаванда ҳам аз лиҳози сохту тарҳ аз дигар мамлакатҳои Аврупову Амрико кам нестанд. Муътақидам, ки мутахассисони тоҷик солҳои наздик бо офаридани иншооти омехта-шарқӣ-аврупоӣ таваҷҷуҳи хориҷиёнро ба худ ҷалб хоҳанд кард.

Оилавӣ меъмору лоиҳакаш будан фаъолияти кории Нодирахонро боз ҳам комилу рангин ва ҷолиб месозад. Ҳамсари азизаш Раҳматҷон Тошматов солиёни дароз ҳамин пеша - меъмориро ба дӯш гирифта, дар офаридани даҳҳо иншооти замонавии дорои аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру навоҳии вилоят саҳми арзанда мегузорад. Ҳамзамон соҳиби се тифли солеҳ буда, дар талошанд, ки онҳо дар руҳияи поку беолоиши зебопарастиву ватандорӣ ба воя расанд.

Дар арафаи Рӯзи Модар мо Нодирахонро ва дар симои ӯ тамоми занҳои соҳибкору соҳибэъҷозро самимона табрик намуда, таманнои онро дорем, ки орзуву омолҳои рангину ормонҳои самимиашон амалӣ гашта, ба муваффақиятҳои бузург ноил гарданд.

***Ҷовиди АШТӢ***

***Рӯзи Модар – 8-уми март, ҳамчун иди модарону хоҳарони мо ҳамасола бо шукуҳу шаҳомати зиёд қайд мегардад. Воқеан ҳам, зан-модар олиҳаи ҳусн, олами зебоӣ ва зеби хонадони ҳар кадоми мост. Дар васфи ин шахси ба дили ҳар кадоми мо наздик мутафаккирони олам суханони зиёде гуфтаанд ва мо ҳамарӯза, дар ҳар қадам меҳру шафқат, навозишу таваҷҷуҳи онҳоро нисбат ба худ эҳсос менамоем. Хуллас, бе зан-модар зиндагӣ маъно надорад. Дар арафаи иди бонувон бо чанд тан аз кормандони Кумита ҳамсуҳбат гардида, андешаи онҳоро дар хусуси таҷлили ин ид пурсон шудем:***

# ЗАМИНУ ОСМОНИ МАН ТУӢ МОДАР, ТУӢ МОДАР!



***Рухшона ИСКАНДАРОВА*** – сармутахассиси бахши системаи «Иттилооти шаҳрсозӣ», машваратӣ ва маркетинги КВД «Пажуҳишгоҳи илмию таткиқотии сохтмон ва меъморӣ»:

***- Рӯзи Модар аз нигоҳи шумо чӣ гуна ид аст?***

- Барои ман иди Модар аз дӯстдоштатарини идҳои ҷумҳуриамон аст. Аз он мефахрам, ки зан-модарам. Модар будан барои зан хушбахтист. Зеро фарзандон ба мо мисли меваҳои хуштамъу бӯянд. Ҳар субҳи ҳаштуми март ман аввал модару хушдоманамро табрик мегӯям. Баъд фарзандонам - Муҳаммадҷон, Музаффарҷон ва Идрисҷон бо ҳамроҳии падарашон маро бо ин ид табрик мегӯянд. Фарзандонам, ки ҳоло мактабхонанд, мекӯшанд, ки бо кӯмаки падарашон ягон «барги сабз»-еро ҳамчун туҳфа тақдим намоянд. Падари бачаҳоям - Фарҳод низ маро бо суханони хушу туҳфаҳои хосааш табрик мегӯяд. Дар навбати худ ман ҳам ӯро табрик мегӯям. Охир, ӯ дар ҳамин рӯзи иди мо – 8-уми март ба дунё омадааст. Яъне ҳамон рӯз дар оилаи мо ид болои ид меояд. Мо, аҳли оила, аз ин туҳфаи тақдир хурсандем, албатта.

***- Агар махфӣ набошад, мегуфтед, ки вақти холигиатонро чӣ гуна мегузаронед?***

- Вақти холигиамро кӯшиш мекунам, ки пурсамару фоиданок гузаронам. Шуғли писандидаам гулпарварист. Бинед, (вай гулдонҳои назди тирезаи ҳуҷраи корашро нишон медиҳад), ин ҳама маҳсули дасти мананд. Ҳамин ки ба онҳо нигаристед, боғи дилатон кушода мешавад, зеро онҳо хеле зебову хушбӯянд.

***- Баъзан занонро ба гул ташбеҳ медиҳанд...***

- Бале, ҳамин тавр аст. Мо, бонувон, мисли гулем, бо як сухани хуб мисли гулҳо мешукуфем, вале агар дар ҳақамон сухани қабеҳ гӯянду ба мо таваҷҷуҳ накунанд, боз ҳам мисли гул пажмурда мешавем.Мехоҳем, ки натанҳо дар рӯзи идамон, балки ҳамарӯза меҳрубонӣ бинем.

***- Шуғли дӯстдошта ҳам доред?***

- Машғулияти дӯстдоштаам китобхонист. Бештар мутолиаи асарҳои Садриддин Айнӣ, Абдулҳамид Самад, Чек Лондон, Януш Рушневский, Виктория Токареваро дӯст медорам. Китоб дӯсти одам аст, омӯзгор, рафиқи шафиқ... ҳарчӣ ки хоҳед, гуфтан меарзад.

***- Ба шумо саодати зиндагӣ ва рӯзгори хушу хуррамро таманно дорем.***

- Ташаккур.

*****



***Меҳрангез ҶӮРАЕВА*** – мутахассиси пешбари раёсати шаҳрсозии дастгоҳи марказии Кумита, котиби Шӯрои шаҳрсозӣ ва кор бо мактубҳои раёсат:

***- Ҳамасола Рӯзи Модар ба шумо чӣ гуна таассурот мегузорад?***

- Таассуроти хеле олӣ. Медонед барои чӣ? Чунки дар ин рӯз зодрӯзи модари азизам – Розия Пӯлодова низ ҳаст. Он кас духтури оилавианд.

***- Дар оилаатон шуморо аввал кӣ бо ин рӯз табрик мегӯяд?***

- Дар оилаамон ду духтару ду писарем. Албатта, ҳар кадоме аз онҳо кӯшиш мекунанд, ки бо ягон ширинӣ ва ё дастовезе аз ҳама пештар модару маро табрик гӯянд. Вале аксаран падарам пешдастӣ карда, ману модарамро бо туҳфаҳои хосаашон табрик мегӯянд. Он кас ҳам табибанд.

***- Ихтисоси худи шумо чист? Оё аз касби интихобкардаатон розиед?***

- Факултаи сохтмон ва меъмории ДТТ ба номи академик М.С. Осимиро хатм кардаам. Албатта, касбамро дӯст медорам. Пешаи мо басо шавқовар ва масъулиятбор аст.

***- Кадом гулро дӯст медоред?***

- Гули садбарг, ки ҳазору як роз дорад.

***-Хӯроки дӯстдоштаатон кадом аст?***

Манту ва оши палавро дӯст медорам, тайёр карданашонро низ.

***- Шеъре, ки меписандед ва такрори онро дӯст медоред, кадом аст?***

- Як рубоии устод Лоиқ писандам аст. Ҳоло мехоҳам онро ба модарам дар рӯзи идашон тақдим намоям:

***Модар, модаро! Шири сафедам додӣ,***
***Дунё ба умед асту умедам додӣ.***
***То бар сари ман чӣ ояд аз бешу камӣ,***
***Ту бар сари гаҳвора навидам додӣ.***

***Иди ҳама модарони рӯйи олам муборак бошад!***

*****



***Мавлуда ҚУРБОНОВА*** – сармуҳосиби ҶСК «ГИИНТИЗ»:

***- Шумо яке аз собиқадорони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ҳастед, ҳамин тавр?***

- Бисту як сол пеш, пас аз хатми факултаи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳамин Кумита ба кор омадам ва то ҳол дар вазифаи сармуҳосиби ҶСК «ГИИНТИЗ» фаъолияти меҳнатиамро идома дода истодаам.

***- Тӯли ин солҳо рӯзу рӯзгори гузаштаро чӣ гуна дарёфтед?***

- Дар халқ мақоле ҳаст: «Ёр аҳл бошад, кор саҳл аст». Шукр, ки коллективи аҳлу тифоқ дорем. Роҳбари корхонаамон - Мирзоев Анвар Сафарович ҷунин ҳолати хуби кориро бароямон муҳайё сохтааст.

***- Ҳар сол Рӯзи Модарро чӣ гуна ҷашн мегиред?***

- Дар ҶСК «ГИИНТИЗ» 52 нафар фаъолият мекунем, ки аз ин 12 нафар бонувон ҳастем. Ба гуфти мардони корхонаамон мо «гули сари сабад»-ем. Хусусан, дар иди ҳаштуми март ҳамин чиз эҳсос мегардад. Моро табрик мегӯянд. Як сухани ҳамкор, дӯсту рафиқ, албатта, ба кас нерӯву қуввати нав эҳдо мекунад.

***- Таҷлили ид дар оилаатон чӣ гуна сурат мегирад?***

- Ба дараҷаи олӣ. Шукр аз он дорам, ки шавҳари меҳрубону фарзандони солеҳу набераякону абераҳои дӯстрӯ дорам. Охир, зиндагӣ бо ҳамин дороиҳо зебост.

***- Туҳфаи идонаро аз кӣ мегиред?***

- Албатта, аввал аз шавҳарам. Маро нахуст ӯ бо сухани ширин, ягон атри хушбӯ, гулдаста табрик мегӯяд. Он кас олим, номзади илми физика-математика ҳастанд. Дар ДМТ ба шогирдон дарс мегӯянд. Сонӣ, чор фарзанду нуҳ набера ва се абераам бо навбат ба муборакбодиам меоянд. Аз ин сарам ба осмон мерасад. Маънии зиндагӣ ҳам дар ҳамин будагист?

***- Мо низ шуморо аз номи аҳли қаламӣ «Рӯзномаи бинокорон» табрик мегӯем. Орзу дорем, ки дар ҳалқаи аҳли хонадонатон ҳамин гуна шоду пирӯз бимонед. Идатон муборак, Модарони азиз!***

***Мусоҳиб Ҳотами ҲОМИД,***
***махсус барои «РБ»***

# ДАР ДУШАНБЕ КАЛОНТАРИН МАСҶИД, КИ ДАР ОСИЁИ МИЁНА БЕНАЗИР АСТ, БА ИСТИФОДА ДОДА МЕШАВАД

Дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ Масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе, ки яке аз масҷидҳои калонтарин дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад, мавриди истифода қарор мегирад. Дар ин бора аз Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Лоиҳаи бунёди Масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар он таҳти назорати доимии Пешвои миллат қарор дорад.

Масҷиди бузурги ҷомеи шаҳри Душанбе дар майдони 12 гектар ҷойгир шуда, аз биною мавзеъҳои намозхонӣ, китобхона, осорхона, толорҳои маҷлисӣ ва қабули меҳмонон барои мулоқоту гуфтушунидҳо иборат аст. Масоҳати зери бинои масҷид 3 гектарро ташкил медиҳад ва корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти бузург аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 2009 дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии Имоми Аъзам ва Соли бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ гузошта шуда буд.



Лоиҳаи сохтмони ин иншооти барои намозгузорон пешбинишуда аз ҷониби мутахассисони варзидаи соҳа аз Тоҷикистону Қатар омода гардида, бо назардошти унсурҳои бостонию муосири санъати меъмории мардуми тоҷик ва ҷаҳонӣ аз 4 манораи баландиаш 75-метра ва гумбази 47-метра иборат мебошад.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки бо маслиҳатҳои мушаххас ва завқи баланди зебоипарастии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар лоиҳаи сохтмони ин иншооти бузург тарҳу усулҳои меъмории бостонии тоҷикӣ, нақшу нигори деворҳо, гумбазҳо, сутунҳою даромадгоҳҳо ва тамоми дигар корҳои ороишотии дохилу атрофи масҷид ба эътибор гирифта шудаанд. Дар вақти таҳияи лоиҳаи бунёди Масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе низ меъморону сохтмончиён пешниҳоду талабот ва тавсияҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба инобат гирифтаанд.

Ёдовар мешавем, ки 30 ноябри соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар Масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе шинос шуданд.

Зимни шиносоӣ бо корҳои сохтмонӣ Сарвари давлат барои анҷоми босифати корҳои ороишии толорҳои масҷиди бузург ва ободонию сабзазоркунии майдони назди он масъулинро вазифадор намуданд. Таъкид карда шуд, ки корҳои ороишию кандакорӣ ва чӯбтарошӣ дар ин иншоот бояд мувофиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ва риояи санъати меъморию сохтмонии мардуми куҳантамаддуни тоҷик анҷом дода шаванд, то иншоот барои мардуми тоҷик ва нафароне, ки ба диёри мо ташриф меоваранд, садсолаҳо хизмат расонад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоии пурра бо ҷараёни корҳо бори дигар ба мутахассисон барои вусъати корҳои сохтмону ороиши босифати бино ва бахусус ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ кардани толорҳои барои ибодат пешбинишуда, даромадгоҳҳои иншоот ва дарвозаҳои он дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

# ЧОЙХОНАИ «ХАРБУЗА» МАРКАЗИ БУЗУРГИ ОМОДА НАМУДАНИ ОШИ ПАЛАВИ ТОҶИКӢ МЕГАРДАД



Ояндаи наздик дар Чойхонаи муҳташами миллии «Харбуза», воқеъ дар шаҳри Ҳисор Маркази бузурги омода намудани оши палави тоҷикӣ ба фаъолият шуруъ менамояд. Чойхонаи миллӣ соли 2015 ба ифтихори ҷашни 3000-солагии Ҳисор дар масоҳати 4,7 гектар дар шакли харбуза бунёд гардида, баландиаш 43 метр, дарозиаш 100 метр ва бараш 55 метрро ташкил медиҳад. Он дар ҷаҳон назир надорад ва дар як вақт ба 2,5 ҳазор нафар меҳмон хизмат мерасонад.

Раиси шаҳри Ҳисор Шарифҷон Ҷумъазода дар ҷамъи намояндагони расонаҳои хабарӣ иттилоъ дод, ки «бо мақсади ташкили Маркази омода намудани оши палави тоҷикӣ ният дорем беҳтарин ошпазҳои касбиро аз саросари ҷумҳурӣ ҷамъ намоем, то ба мизоҷон ва дигар меҳмонони хориҷӣ, ки ба шаҳри Ҳисор меоянд, дар сатҳи баланд хизмат расонанд».

«Ин иқдом дар доираи Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ роҳандозӣ гардида, ҳадафаш муаррифии ҳарчӣ бештари таомҳои миллӣ, хусусан оши палави тоҷикӣ ба сайёҳону меҳмонони дохилию хориҷӣ мебошад», - афзуд Шарифҷон Ҷумъазода.

Мусаллам аст, ки оши палав, ки онро шоҳи таомҳо ҳам ном мебаранд, таоми миллӣ ва дӯстдоштании мардумони осиёӣ, бахусус тоҷикон аст. Калимаи палав таърихи қадимӣ дошта, ифодаи «пал» дар забони авастоӣ номи растаниеро дорад, ки дар об нашъунамо мекунад. Дар забони суғдӣ ҳам бо чунин маъно ба кор меравад ва ҳатто дар гӯишҳои маҳаллӣ калимаи «пал» тағйири маъно карда, имрӯз «ҷойи кишт» ва «гӯшае аз киштзор»-ро мефаҳмонад.

Яъне, решаи калимаи «палав» аз номи рустанӣ, ки дар об мерӯяд, гирифта шудааст. Палав аз ҳосили рустании обӣ - биринҷ ё шолӣ пухта мешавад. Оши палав дар радифи таоми бомаза будан, ҳамзамон хусусияти сарҷамъкунию муттаҳидкунӣ дошта, омили таҳкимбахши дӯстию бародарӣ, рафоқату садоқат ва вафодории инсонҳо дар атрофи як хон мебошад. Аз ин рӯ, тоҷикон оши палавро дар тӯю маъракаҳо барои меҳмонон, ҷашну идҳои миллӣ, инчунин дар рӯзҳои истироҳат барои аҳли хонавода тайёр менамоянд.

Мардуми тоҷик аз давраҳои қадим киштукори шолиро омӯхта, аз биринҷ хӯрокҳои гуногун тайёр мекарданд. Оши палав яке аз таомҳои дӯстдоштаю маъруфи мардуми тоҷик ва дигар миллатҳои Осиёи Марказӣ, ҷумҳуриҳои Қафқоз, баъзе давлатҳои Араб маҳсуб ёфта, дар ҳар минтақа тарзи тайёр кардани он гуногун аст. Ҳатто дар як ноҳияи хурд чанд намуди тайёр кардани оши палав вуҷуд дорад. Ҳикмати халқ мегӯяд: «Оши палав ҳар ҷо, пазанда ҷо-ҷо», зеро воқеан пазандаи оши палав, ки пайрави пири пазандаҳо асту оши бомаза мепазад, ҷо-ҷост. Гуфтан ҷоиз аст, ки палавпазӣ ва палавхӯрӣ ҷузъи муҳими фарҳанги мардуми моро ташкил медиҳад.



# ДАР «ЧИЛДУХТАРОН» МЕҲМОНХОНАИ 5-СИТОРАДОР БУНЁД МЕГАРДАД

Дар мавзеи таърихии «Чилдухтарон»-и ноҳияи Муъминобод то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳмонхонаи 5-ситорадори мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохта мешавад. Айни ҳол сохтмони ин иншоот бомаром идома дорад. Дар ин бора Сулаймон Холов мудири бахши рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳияи Муъминобод Бахтовари Диловар хабар дод.

Муъминобод ноҳияи куҳсор буда, дар қисми ғарбии қаторкуҳҳои Ҳазрати Шоҳ, ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ва шарқи вилояти Хатлон воқеъ аст. Нуқтаҳои баландтарину пасттаринаш мутаносибан 2814 ва 1100 м мебошанд. Қаторкуҳҳои зебои Чилдухтарон, мавзеи афсонавию таърихии овозадор маҳз дар ноҳияи Муъминобод ҷойгиранд. Ҳамчунин дараҳои Маҳмуд, Мулло, Рисқидара, Лангар, Шуғноншаҳр, Хоҷаи Нур, Биби Навро, Биби Савро, Чӯбек, Кӯл, Сайёд, Чаргиҳо, Чаргикалон, Душанбе, Аъроб, Ларсой, Дошманд диққатрабою тамошобоб буда, барои сайёҳии куҳгардӣ мувофиқанд.

***АМИТ «Ховар»***



# ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ESCAP-ЭСКАТО ҲАМЧУН АВВАЛИН ШАҲРИ ТАҶРИБАВӢ ДАР ИСТИФОДАИ УНСУРҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ШАҲРСОЗИИ УСТУВОР ИНТИХОБ ГАРДИД

Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP-ЭСКАТО) тасмим гирифтааст, ки бо мақсади кумак ба шаҳри Душанбе дар рушди шаҳрсозӣ Лоиҳаи нави таҷрибавиро доир ба рушди иқтидор таҳти унвони «Пешгӯии шаҳрсозии устувор: Дастгирии устувори банақшагирии инфрасохтор дар шаҳрҳо»дар ин шаҳр татбиқ намояд. Амалишавии Лоиҳаи мазкур моҳи августи соли 2019 оғоз гардида, то декабри соли 2020 идома меёбад. Татбиқи лоиҳаи мазкур ба тарҳрезии беҳтари рушди инфрасохтори устувор, идоракунии шаҳр тавассути таҳия ва истифодаи методологияи пешгӯишаванда, инчунин сармоягузорӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ, инфрасохтор, баровардани эҳтиёҷоти молиявии аҳолии пешбинишуда, инчунин рушди иқтисодӣ кумак мерасонад.

Тавре аз Раёсати иттилоот ва робитаҳои хориҷии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд, бахшида ба рушди шаҳрсозӣ 17-18 феврал бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP-ЭСКАТО) дар пойтахт машғулият доир гардид. Дар он мутахассисону коршиносон, олимону муҳаққиқони сатҳи байналмилалӣ, намояндагону кормандони соҳаи шаҳрсозиву меъморӣ ва сохтору ниҳодҳои марбутаи соҳа атрофи масъалаҳои вобаста ба рушди инфрасохтори мунисипалӣ ва дастгирии навовариҳои сиёсати шаҳрсозӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар машғулият гуфта шуд, ки шаҳри Душанбе солҳои охир дар самти рушди шаҳрсозӣ ва меъморӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин робита, интихоби Душанбе - ҳамчун аввалин шаҳри таҷрибавӣ дар истифодаи унсурҳои инноватсионии шаҳрсозии устувор аз ҷониби Шуъбаи муҳити зист ва рушди Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP-ЭСКАТО) ба баланд бардоштани рушди хизматчиёни давлатии шаҳр, ки дар гуруҳҳои кории миллӣ ва минтақавӣ иштирок мекунанд, иқдоми хуб ва саривақтӣ маънидод мегардад.

# ДАР ВОСЕЪ СОҲИБКОРОНИ МАҲАЛЛӢ ИНШООТИ ФАРҲАНГИЮ ФАРОҒАТӢ МЕСОЗАНД



Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Восеъ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ сохтмони якчанд иншоот идома дорад. Бунёди меҳмонхонаи замонавӣ ва 6 гармхонаи парвариши сабзавоти барвақтӣ аз зумраи онҳост. Зимни сафари корӣ ба ин ноҳия раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур шинос шуд.

Тавре аз шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон хабар доданд, зимни шиносоӣ бо корҳои сохтмонии меҳмонхонаи муосир дар ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ ба раиси вилоят иттилоъ дода шуд, ки бунёди он то ҷашни таърихӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ пурра ба анҷом расида, мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Раиси вилоят инчунин аз хоҷагии деҳқонии Файзи Саид, ки дар он 6 гармхонаи парвариши помидори барвақтӣ бунёд ёфтааст, боздид ба амал овард. Айни замон дар гармхонаҳо помидори барвақтӣ ғарқи ҳосил аст.

Қурбон Ҳакимзода зикр кард, ки таъсиси чунин гармхонаҳо метавонад дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маводи тозаи барвақтӣ мусоидат кунад.

Бояд илова намуд, ки оилаи Саидовҳо дар ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ боғи истироҳативу фароғатиро, ки дар масоҳати 3 гектар доман паҳн кардааст, бунёд намудаанд.

Раиси вилоят азми бунёди чунин боғи истироҳатиро аз ҷониби оилаи Саидовҳо рамзи ободгарӣ ва меҳанпарастӣ арзёбӣ намуда, онро намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ барои дигар соҳибкорон хонд.

***АМИТ «Ховар»***

## Маъракаи обунашавӣ ба «Рӯзномаи бинокорон» идома дорад

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!**

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки маъракаи обунашавӣ ба «Рӯзномаи бинокорон» барои соли 2020 идома дорад. Муддати сездаҳ сол аст, ки «Рӯзномаи бинокорон» дар саҳифаҳои худ аз ҳаёту фаъолияти ҳамкасбони шумо, дар бораи навгониҳои илму техника, меъёру санадҳои сохтмонӣ ва мавҷудияти ҷойҳои корӣ, нарху навои масолеҳи бинокорӣ ва макони дарёфти онҳо маводи ҷолибу муфассал чоп менамояд. Агар хоҳед, ки анъанаи сездаҳсола канда нашаваду Шумо аз навгониҳои оламу ҷумҳурӣ бехабар намонед, пас

**БА «РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» ОБУНА ШАВЕД!**

Пешниҳоду дархост, номаҳои табрикӣ ба ёру дӯстон ва наздикон, рекламаю эълон, эҷодиёти бадеӣ, очерку мақолаҳои худро низ ба унвони идораи рӯзнома фиристед!

**Аз хусуси ахбори таъҷилӣ ба мо занг занед!**
**Мо ҳамеша омодаем бо Шумо ҳамкорӣ намоем!**

Бинобар он, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки дар маъракаи обуна ба «Рӯзномаи бинокорон» фаъолона иштирок намуда, ҳамкориро бо мо мустаҳкам намоед!

Коллективи кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» ба Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол бинобар вафоти

***ХОҲАРАШ***

ҳамдардӣ изҳор намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Коллективи кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» ба Директори ҶСК «Саноатсоз» Баҳром Мализода нисбати вафоти

***МОДАРАШ***

сахт андуҳгин буда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

***Бо мақсади тарғибу шарҳу баёни нуктаҳои муҳими Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат аз ҳисоби кормандони масъули дастгоҳи раиси шаҳр, мақомоти иҷроия, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, комиҷроияи ҲХДТ, адибону рӯзноманигорон ва масъулони ташкилоту идораҳо шаш гурӯҳи корӣ таъсис дод. Онҳо дар маҳалҳо ва ташкилоту муассисаҳо бо табақаҳои гуногуни сокинон мулоқотҳо доир намуданд. Баробари ин, ҳамин гуна суҳбату вохӯриҳо бо мардуми диёр аз ҷониби намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баргузор шуда истодаанд. Аз ҷумла, дар толори қасри фарҳанг бо кормандони соҳаи тандурустӣ, донишҷӯёни коллеҷҳои омору тиббӣ, ҳунаромӯзони литсейи касбӣ-техникӣ ва кормандони ташкилоту идораҳо, минҷумла раёсати маориф мулоқот баргузор шуд.***

# ТАҚВИЯТИ ЗАМИНАҲОИ САНОАТӢ



Роҳбари яке аз гурӯҳҳои корӣ, сарвари Ширкати саҳҳомию ҳолдинги "Барқи тоҷик" Мирзо Исмоилзода назди ҳозирин суханронӣ ва чанд нуктаи муҳими Паёми Сарвари давлатро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд. Мавсуф қайд кард, ки нақшаҳову ниятҳои соли 2013 дар барномаи пешазинтихоботии Президенти кишвар ҷойдошта, ки барои ҳафт сол пешбинӣ шуда буданд, асосан, иҷро гардиданд. Шаҳодати ин гуфтаҳо соли 2019 13,4 фоиз зиёд шудани маҳсулоти саноатӣ, 7,1 фоиз - маҳсулоти кишоварзӣ, 8 фоиз - гардиши савдо, 1,6 фоиз - хизматрасониҳои пулакӣ ва аз ин ҳисоб 7,5 фоиз афзудани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Баҳри ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар қадами қатъӣ гузошта шуд. Бо талошҳои Ҳукумати мамлакат дар панҷ соли сипаришуда бо ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ 14 созишнома ба имзо расонда шудаанд, ки тибқи онҳо бо маблағи 14 миллиард сомонӣ 20 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд карда мешавад.

Дар соҳаи энергетикаи кишвар низ 12 лоиҳа бо маблағи 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодаанд. Дар асоси ин лоиҳаҳо ду чархаи нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» ба кор андохта шуд. Таҷдиди нерӯгоҳҳои «Норак»-у «Қайроққум» бо маблағи 5,5 миллиард сомонӣ ва НБО-и «Сарбанд» бо маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад. Омодагӣ ба оғози бунёди нерӯгоҳи барқии обии «Себзор» дар ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ рафта истодааст ва баистифодадиҳии он соли 2022 пешбинӣ шудааст.

Тӯли ҳафт соли охир истеҳсоли нерӯи барқ дар кишвар аз 16 миллиард ба 20 миллиард кВт/соат расонда шуд. Аз январи соли 2017 инҷониб мамлакат бо нерӯи барқи истеҳсоли худӣ пурра таъмин гардид. Дар ин замина таъминоти сокинону корхонаҳою муассисаҳои шаҳри Ваҳдат низ хеле беҳтар шуд. Трансформатори 16 ҳазор кВт-и зеристгоҳи «Орҷоникизеобод-1» бо трансформатори 40 ҳазор киловатта иваз карда шуд ва шаҳру деҳот бо барқи хушсифат таъмин гардиданд. Зеристгоҳҳои «Зардолу», «Султонобод», «Промбаза» ва «Орҷоникидзеобод-2» аз таъмири пурра бароварда, дар ҳудуди шаҳру деҳот 300 симчӯби нав шинонда шуд. Ширкати «Барқи тоҷик» бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар маркази Ромит бунёди зеристгоҳи 110 кВт-ро ба нақша гирифтааст, ки он имкон медиҳад дуртарин деҳоти минтақа бо барқ таъмин гарданд.

Мирзо Исмоилзода дар охири баромадаш бо далелҳо таъкид кард, ки рушди саноат дар шаҳри Ваҳдат заминаи воқеӣ дорад ва сокинонаш метавонанд дар татбиқи ҳадафи чоруми кишвар нақши асосӣ гузоранд ва дар амалӣ гардидани дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат саҳми арзанда гузоранд.

Сипас, раиси шаҳр Амирзода Раҳмоналӣ Амир баромад намуда, карда, таъкид намуд, ки то соли 2021 дар Ваҳдат бунёди 72 иншооти тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст.

- Тавре дар паём таъкид шудааст, - хотирнишон кард раис, - кормандони соҳа бояд сатҳу сифати хизматрасониро баланд бардоранд. Барои ин онҳо шароиту имкониятҳои лозимиро доранд.

Раис, инчунин, диққати аҳли нишастро ба маъракаҳои муҳими сиёсии кишвар - барӯйхатгирии аҳолӣ, интихоботи дарпешистода, ҳушёрию зиракии сиёсии шаҳрвандону пешгирии амалҳои террористию экстремистӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва зиёд гаштани ҳаҷми нафақаю маош ҷалб карда, онҳоро ба бунёдкорию созандагӣ даъват намуд.



Баъдан муовини сартабиби беморхонаи марказӣ Давлатхӯҷа Низомов, муовини директори коллеҷи тиббӣ Шоира Абдураҳимова ва донишҷӯи ҳамин таълимгоҳ Нозанин Солеҳова баромад карда, ҷонибдории худро аз дастуру ҳидоятҳои дар паём иброзгардида изҳор доштанд.

таъкид сохт, ки баҳри татбиқи дастуру ҳидоятҳои дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикршуда ва сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳамаи моро зарур аст, ки ба корҳои бунёдкорию созандагӣ, тозаю озода ва ободу зебо гардондани шаҳр, кӯчаю хиёбонҳо, манзилҳои зист ва маҳалҳои аҳолинишин диққати ҷиддӣ диҳем. Мавсуф ба соҳаи тандурустии шаҳр дахл

***Амруллоҳи ЗАБИР***

***Дар асоси супориши Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ лоиҳаи нақшаи тарҳрезии иморатсозии хиёбони Саъдии Шерозӣ аз буриши хиёбони Неъмат Қарабоев то хиёбони Ҷаббор Расулови ноҳияи Сино таҳия гардид. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе ва ҶСК ПИЛҶ «САНИИОСП» тарҳрезӣ шудааст.***

# ДАР ДУШАНБЕ ХИЁБОНИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ НАВСОЗӢ МЕШАВАД



Тавре аз Раёсати иттилоот ва робитаҳои хориҷии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд, масоҳати ҳудуди қитъаи тарҳрезишуда 37,00 гектарро дар бар гирифта, дар он бунёди 77 адад биноҳои истиқоматӣ, 1 адад бинои маъмурӣ, 4 адад биноҳои маъмурии бисёрфунксионалӣ ба нақша гирифта шудааст.

«Дар хиёбони Саъдии Шерозӣ аз буриши хиёбони Неъмат Қарабоев то хиёбони Ҷаббор Расулови ноҳияи Сино васеъшавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда - №32, №67, №37, №66, №2, №90 (дар ду баст) дар назар дошта шудааст. Дар хиёбони мазкур боғчаи кӯдаконаи мавҷуда - №112 «Ивушка», «Баҳористон», №101 ва №48 васеъ гардида, 1 адад кӯдакистони нав барои 250 нафар сохта мешавад. Дар ин минтақа дар масоҳати 1,80 гектар майдончаҳо барои истироҳати сокинон бунёд мегарданд», - афзуд манбаъ.

Дар қитъаи тарҳрезишуда дар масоҳати 5,00 га роҳҳои мошингард, 6,04 га роҳравҳо ва 8,00 га майдсазор бунёд мегарданд. Ҳамчунин сохтмони марказҳои хизматрасонии тиббӣ ва нозироти минтақавӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин хиёбон дар масоҳати 5,61 га 15 адад майдончаҳои варзишӣ сохта шуда, бо дарназардошти бунёди майдончаҳо барои бозии кӯдакон масоҳати 1,61 га ҷудо гардидааст.

***АМИТ «Ховар»***

# ҒЕШӢ - МАКОНИ ФАРЗОНАГОН

***Ғешӣ тавассути фарзандони фарзонааш имрӯз яке аз деҳаҳои овозадору машҳури ҷамоати деҳоти Чорсӯ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҷойи баргузории маҳфиле, ки имрӯзҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо иқдоми комиҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат дар ҳамаи ҷамоатҳо ва ташкилоту муассисаҳо гузашта истодааст, ин дафъа саҳни мактаби рақами 16-и деҳаи Ғешӣ интихоб гардид.***



Ғешӣ деҳаи аз ҳама сераҳолӣ ва ободу зебои ҷамоати Чорсӯ мебошад. Имрӯз дар деҳа беш аз 150 хоҷагӣ ва 1500 нафар одам кору зиндагӣ мекунад. Деҳа таърихи қадима дорад. Ду нафар баргузидаи маҳфили онрӯза, зодагони ҳамин деҳа, собиқадорони соҳаи маориф ва хизмати давлатӣ, нафақахӯрон Сафарбек Воҳидов ва Муҳаммад Солеҳов ёдовар гаштанд, ки солҳои пеш деҳа хеле хурд буд. Ҳатто, мактаб надошт. Фарзандони деҳа барои хондану саводнок шудан роҳи дарозеро тай карда, ба дигар деҳа мерафтанд. Дар ҷойи ҳозираи мактаб хирмани колхоз воқеъ буд, ки ин ҷо гандуму наҳуд, кунҷиту зағир ва дигар зироатро хушконда, сипас бо гову хар кӯфта, бод карда, донашро мегирифтанд. Соли 1964 бо ташаббуси раиси колхоз, марди бофарҳанг Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Ҷалмат Ғоибов тариқи ҳашар чор синфхона сохта шуд, ки як қисми мактаби имрӯза ҳамон биност.

- Ман омӯзгориро аз ҳамин мактаб оғоз кардам, - гуфт Сафарбек Воҳидов, ки баъд чандин сол сарвари таълимгоҳ ва раиси ҷамоат низ буд. - Имрӯз шахсони маълумоти олидори деҳа беш аз 360 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳар як маконро фарзандонаш номдору машҳур мегардонанд, ки деҳаи Ғешӣ низ дар ин қатор истисно нест. Аз ҷумла, Холмаҳмад Табаров, Нур Табаров, Амирбек Карим, Қиёмиддин Абдуллозодаю падараш Абдулло, ки чандин сол омӯзгору раиси ҷамоат буд, табиби шинохта Икром Сангалиеву падараш, Ислом Раҷабов, ду нафар зан, хизматчиҳои давлатӣ, ки ҳатто депутати Совети Олии ҷумҳурӣ буданд ва даҳҳо шахсиятҳои шинохтаро ном бурдан мумкин аст, ки натанҳо ифтихори деҳа, балки шаҳру кишваранд.

Қаҳрамони дигари маҳфил, ки солҳои зиёде дар умури бочу хироҷ ва мубориза алайҳи коррупсия хизмат карда, соҳиби рутбаи баланди подполковник гардидааст - зодаи ҳамин деҳа Холбӣ Бобиева оид ба зебоиҳою ободии деҳаи Ғешӣ, рушди сайёҳию ҷалби сайёҳон, бунёди меҳмонхонаю дӯконҳои намоишу фурӯши маҳсули дасти ҳунармандони мардумӣ ва бунёди дигар иншооти маърифатию варзишӣ ва хизматрасонӣ андешаю пешниҳодҳояшро баён кард. Парвардаи деҳа, собиқадори хизмати давлатию кори хоҷагӣ Гулинор Олимова, ки ӯ низ шамъи маҳфили онрӯза буд, қисса намуд, ки солҳои пеш дар деҳа об набуд. Онро мардум аз роҳи дур, аз чашмаҳо меоварданд. Вале ба ин мушкилӣ нигоҳ накарда, ин ҷо ҳунармандӣ рушд дошт. Мардон аз теппаи дур сурххок оварда, кулолӣ мекарданд. Аз он хок офтоба, тағора, зарфҳои ширгирию обгирӣ ва ҳар хел бозичаҳо месохтанд. Кампири Фазила дар ин ҳунар хеле моҳир буд. Бобои Маҷиду Бобохон бо як доира тӯйҳоро обод мекарданд. Акои Усто ном мард оҳангари номвар буда, барои мардум новаки теғи ҷуфт, теша, дос, наъл, гулмех ва дигар олоти корӣ месохт.

Маҳфилро ровии сухандону донишманд, омӯзгори МТМУ-и рақами 16 Орзугул Раҳимова ва овозхони ширинадои деҳа, мудири хонаи маданияти ҷамоат Темур Саидов бо шеъру суханҳои воло ва таронаҳои дилошӯб ҳусну таровати дигаре бахшиданд. Дар вазъияти тантанавӣ ба волидони наваскароне, ки ихтиёрӣ ба хизмати Ватан-Модар рафтаанд, сипосномаҳои комиҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат тақдим карда шуд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ раиси комиҷроияи ҲХДТ Руқия Раҳматзода, раиси бахши Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат Абдусаттори Раҳмон, раиси ҷамоати Чорсӯ Хушбахт Абулхайрзода, собиқадори хизмати давлатӣ Фотима Табарова ва директори литсейи ба номи Темур Собиров Аноргул Воҳидова оид ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ карда, ба маҳфил шукуҳи тоза бахшиданд.

***Амруллоҳи ЗАБИР***



# ОҒОЗИ БОЗ ЯК ОСОИШГОҲ ДАР ГУЛИСТОН




Дар доираи истиқболи сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо ибтикори соҳибкори маҳаллӣ Турсуной Зокирова дар яке аз мавзеъҳои зебои соҳили "Баҳри тоҷик" - шаҳри Гулистон осоишгоҳи муосири ҷавобгӯй ба меъёрҳои байналмилалӣ оғоз ёфт. Лоиҳаи осоишгоҳ аз ҷониби меъморони ватанӣ тарҳрезӣ шуда, аз шаш ошёна ва саҳни ҳавлии сабзазор бо фароғатгоҳҳои мавсимӣ, фаввораҳои зебои ҳарранга бо танинандозии мусиқӣ, роҳраву гулгаштҳо, буттаҳои сарсабзу гулҳои рангоранг, ҳавзҳо барои 250 нафар истироҳаткунанда сохта мешавад. Ҷиҳати шиносоӣ аз ин иншооти ҷашнӣ раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дидан карда, бахри бунёди саривақтиву ҷавобгӯӣ ба талаботи замон ба роҳ мондани ҷараёни сохтмон ба бинокорон пешниҳодҳои муфид гуфт.

Осоишгоҳ соли 2021 дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ карор хоҳад гирифт. Феълан дар шаҳри Гулистон осоишгоҳҳои "Баҳористон", "Шифо", "Соҳил" ва "Маркази фароғатии Усмонҷон" фаъолият дошта, меҳмононро аз дохили кишвар ва хориҷи дур қабул мекард.

Бахшида ба ҷашни бузурги дар пешистодаи миллат - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар қаламрави вилояти Суғд, дар маҷмуъ 7 ҳазор иншооти дорои аҳамияти иктисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ бунёд мешаванд, ки наздик 40 дар сади онҳоро меҳмонхона, осоишгоҳ, тарабхонаҳои замонавӣ, толорҳои варзишӣ ташкил медиҳанд.

***Ҷовиди АШТӢ***

# "С ЛЮБОВЬЮ К ЖИЗНИ"

## В Душанбе организована выставка творческих произведений памяти Фарруха Ходжаева







**13 января известному таджикскому художнику и скульптору исполнилось бы 60 лет. Фаррух Ходжаев не дожил до своего юбилея. Его не стало 2 месяца назад.**

В последние годы Ходжаев был деканом факультета изобразительного искусства Таджикского государственного института изобразительного искусства и дизайна.

Фаррух Ходжаев использовал в некоторых своих работах прием, восходящий к творческому методу П. Клее. Но его полотна совершенно иные и по характеру, и по манере исполнения.

По первоначальному своему образованию Ходжаев - книжный иллюстратор. А это нередко определяет особую специфику восприятия, вырабатывает умение мыслить образно, емко, метафорично. И его работы подтверждают это.

Кроме картин маслом и графики, Ходжаев был скульптором, предпочтительно работал с глиной по особой индивидуальной технике. В последние годы у него было много учеников, с которыми он делился своим мастерством.

Ходжаев неоднократно организовывал выставки своих картин в Таджикистане и за рубежом.

В память о художнике, была организована выставка творческих произведений Фарруха Ходжаева "С любовью к жизни", которая прошла в Государственном институте изобразительного искусства и дизайна Таджикистана.

Напомним, что Фаррух Ходжаев родился в Душанбе в 1960 году. После окончания Республиканского художественного училища им. М.Р. Олимова работал в издательстве "Ирфон". В 1988 году окончил Львовский полиграфический институт в Украине.

Участник республиканских и всесоюзных выставок, а также международной выставки "Экспо-94" в Будапеште. В 1997 году за серию живописных полотен был удостоен первой премии на выставке стран Центральной Азии в Ташкенте. Работы находятся в музейных и частных собраниях Таджикистана, России, Болгарии, Венгрии, Германии, Турции, США. С 2012 по 2017 года был председателем Союза художников Таджикистана.

*Шахзода ИКРАМИ*

# СОЗДАН МУЛЬТИПЛИКАЦИОННЫЙ ФИЛЬМ О ЖИЗНИ ДЖАЛЯЛЕДДИНА РУМИ



Мультипликационный фильм «Михримах Каратай», посвященный Джаляледдину Руми, был встречен с интересом. Его создание было приурочено к 746-й годовщине смерти великого мыслителя. Каждый год в Конье в период с 7 по 17 декабря проходят мероприятия, именуемые Шеб-и Арус, что в переводе с персидского обозначает «свадебная ночь». Такое название может показаться странным, но в философии тасаввуфа смерть для праведного человека – это воссоединение с Возлюбленным, с Всевышним Аллахом, поэтому является не трагедией, а праздником. В этой связи каждый год здесь организуется обширная программа. Эти празднества пользуются такой популярностью, что турагентства предлагают специальные туры в Конью на эти дни.

На протяжении столетий произведения Джаляледдина Руми вдохновляют и наставляют людей. Его биография и стала темой мультипликационного фильма. В нем рассказывается, как маленький Джаляледдин вместе с семьей прибыл в Конью, как встретился с Шамсом Тебризи – человеком, который стал для него путеводным маяком в духовных поисках. Также в фильме приводятся цитаты великого поэта.



Как говорят создатели фильма, им пришлось постараться, чтобы успеть завершить его до начала Шеб-и Арус. Сейчас уже можно утверждать, что трудились они не зря – мультфильм уже имеет более 5 миллионов просмотров в социальных сетях.

# СТИХИ НАШИМ ЛЮБИМЫМ МАМАМ!

Мамочка, любимая, родная!
Что тебе в твой праздник пожелать?
Неустанно небо умоляю
Никогда тебя не потерять.
Я целую твои ласковые руки,
Торопясь всё важное сказать.
Чтоб не знать тебе ни слез, ни муки,
Не болеть, не плакать, не страдать.
Я тебя с любовью обнимаю.
Без тебя я - птица без крыла.
Ты одна такая, ты святая.
Я хочу, чтоб вечно ты жила!

***

Так много хочется сказать,
Что в двух словах не описать.
Спасибо, мамочка моя,
За то, что любишь ты меня.
За все бессонные те ночи
Хочу сказать спасибо очень.
За то, что ты меня ждала,
Что волновалась, не спала.
За все мечты, что ты дарила.
За то, что страхи отводила.
За то, что мы с тобой семья,
Тебе скажу спасибо я.

***

Мама, мамочка, мамуля!
Лучше всех на свете ты.
Восхищаюсь и люблю я
Твои нежные черты.
Как же выразить красиво
Мне любовь к тебе свою?
Мама, милая, спасибо
За подарок - жизнь мою.
Говорю слова я эти,
Уважая и любя,
И цветы на всей планете
Расцветают для тебя!

***

Мамочка, милая, светлая,
Заботливая и прекрасная,
Ты моя лучшая самая,
Солнышко ты моё ясное!
Мне без тебя так грустно,
Бывает по жизни порой,
Как хорошо вернуться,
Когда ты ждёшь - домой!
Радости все и тревоги,
Делишь всегда со мной,
Ангел ты мой любимый,
Самый навек родной!

***

Мамочка наша родная,
Эти нежные строки - тебе.
Самой милой и самой красивой,
Самой доброй на этой земле.
Пусть печали в твой дом не заходят,
Пусть болезни пройдут стороной.
Мы весь мир поместили б в ладони
И тебе подарили одной.
Но и этого было бы мало,
Чтоб воздать за твою доброту.
Мы всю жизнь, наша милая мама,
Пред тобой в неоплатном долгу.
Спасибо, родная, за то, что растила,
За то, что взамен ничего не просила.
Что горе и радость деля пополам,
Во всем лучшей доли желала ты нам.
Красива, заботлива, нежно нежна,
Ты нам ежедневно и вечно нужна!

Мирзо ТУРСУНЗОДА

## ЗАН ПОСБОНИ ОТАШ АСТ

Зан ҳамеша рафт аз ҳамсояҳо оташ гирифт,
Аз дигарҳо бо тавалло, илтиҷо оташ гирифт,
Баски гӯгирд он замон чун гавҳари ноёб буд,
Аз гадои кӯчаю аз бенаво оташ гирифт.
Лахчаро мекард зан дар зери хокистар ниҳон,
То намонад беалав дигар танӯру ошдон.
Дар танӯр оташ агар гулхан шавад, рухсори зан,
Сурх мегардад у кула ё ба мисли гарм нон.
Баски аз рӯзи азал зан посбони оташ аст,
Посбони оташ асту хеш кони оташ аст.
З-ин сабаб бо за нагар гаштем ҳар вақте дучор,
Бингарӣ, сар то ба пойи мо ҷаҳони оташ аст.

Лоиқ ШЕРАЛӢ

## НАСИҲАТИ МОДАР

Модарам мегуфт доим вақти хоб:
«Хоб кун, албатта, бо паҳлуи рост!
Он ҳама коре, ки ният мекунӣ,
Сар бикун бо қувваи бозуи рост.
Нонро доим ба дасти рост гир,
Пӯш аввал остини ростро,
Гар бибандӣ аҳд, дасти рост деҳ,
Дасти чап не хайр дорад, не бақо».
Хурд будам, бехабар будам ҳанӯз:
Фарқ байни дасти чапу рост чист?
Хоб кардан, сер будан муддао,
Муддао дар дасти чапу рост нест.
Баъд фаҳмидам, муроди модарам
З-ин насиҳатҳош дигар будааст:
Бо чунин панду насиҳатҳо ба ман
Ростиро тарбият бинмудааст.

## ТУ МОНАНДИ ЗАМИН ТАНҲОӢ, МОДАР

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар.
Заминро ҳар қадар чун моли меросӣ
Миёни ҳам басо тақсим карданд.
Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар фарзандони ту
Барои ҳамдигар тақдим карданд,
Вале як рӯз донистанд –
Замин қисмат нахоҳад шуд.
Замину осмон,
Хуршеду маҳ
Мисли дили ту,
Мисли меҳри ту
Миёни кӯдакон қисмат нахоҳад шуд.
Ҳама хуршеду маҳ доранд,
Ҳама бо худ замину осмон доранд,
Вале аслан маҳу хуршед,
Вале аслан замину осмон
Монанди ту яктою танҳоянд.
Чунон ки ҳар касеро зодгоҳе ҳаст,
Раҳе, сарманзиле меодгоҳе ҳаст,
Вале баҳри ҳама Модар-Ватан яктост,
Ту ҳам аз баҳри мо мисли Ватан яктоӣ, эй модар.
Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо.
Туӣ обастани шодӣ,
Туӣ обастани ғамҳо.
Туӣ обастани имрӯз,
Туӣ обастани фардо.
Замину осмон,
Хуршеду маҳ,
Модар-Ватан
Аз он азизастанд,
Ки беҳамтову яктоянд.
Ҳар он чӣ беш аз якто бувад,
Чандон муқаддас нест.
Ту монанди замин танҳоӣ, модар!
Ту монанди замин яктоӣ, модар!

## ДОМОНИ МОДАР

Вақти тифлӣ, вақти роҳ омӯхтан,
То наафтад, дошт ӯ аз домани ту.
То намонад дасту пойи баста дар гаҳвора танҳо,
Дошт ӯ аз домани ту вақти ҷое рафтани ту.
Боз медорад зи домони ту, модар,
Гарчи акнун гурзбардоранд ӯро дастҳо.
Гарчи натвонӣ ту акнун роҳ гаштан по ба пояш,
Гарчи натвонӣ шуморидан қадаммонии ӯро.
Боз медорад зи домони ту, модар,
Кӯдаки бо ранҷҳо, бехобиҳо парвардаи ту.
Кӯдаке, ки як замоне чорпоя роҳ мерафт,
Ин замон соҳиб шуда бар зиндаю бар мурдаи ту.
Боз медорад зи домони ту, модар,
То нагирад доманат аз дасти ӯ дасти хатар…

# МУАММОИ «ГУЛДАСТА»



**1.** Адиби тоҷик. **2.** Шаҳр дар Тоҷикистон. **3.** Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. **4.** Ҳарфи алифбои ниёгон. **5.** Романи адабиёти муосири тоҷик. **6.** Синоними калимаи тамом. **7.** Ҳаммаънои вожаи қамар. **8.** Фанни хониш. **9.** Муродифи калимаи рафиқ. **10.** Шоири адабиёти классикии форсу тоҷик. **11.** Унсури кимиёвӣ. **12.** Муродифи вожаи нодир. **13.** Асари панду ахлоқии адабиёти классикии форсу тоҷик. **14.** Як навъи моҳии калон. **15.** Мева. **16.** Дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. **17.** Ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. **18.** Номи моҳи ҳиҷрии қамарӣ. **19.** Ходими давлатӣ, лашкаркаши машҳури Фаронса. **20.** Шаҳре, ки мақбараи Фаридуддини Аттор он ҷост. **21.** Асбоби дуредгарӣ. **22.** Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. **23.** Фасли сол. **24.** Асбоби мусиқӣ. **25.** Маркази давлати Сомониён. **26.** Муродифи вожаи саросема. **27.** Шоири асри 13-и адабиёти классикии форсу тоҷик. **28.** Яке аз подшоҳони Юнони Қадим. **29.** Фанни хониш. **30.** Пойтахти давлат дар қитъаи Осиё. **31.** Жанри адабӣ. **32.** Дарае, ки дар «Дохунда»-и С. Айнӣ тасвир шудааст. **33.** Антоними калимаи бад. **34.** Баҳрнавард, кашшофи қитъаи Америка. **35.** Исми мардона. **36.** Шоири тоҷик. **37.** Муқобилмаънои дирӯз. **38.** Ҳаммаънои ору. **39.** Жанри адабӣ. **40.** Гул.

***Мураттиб Ҳ. ҲОМИД***

# САЙЁҲОН АЗ СУҒДИ БОСТОН БО ХУД ЧӢ САВҒОТӢ МЕБАРАНД ВА КАДОМ ХӮРОКҲОИ ТОҶИКИРО МЕПИСАНДАНД?

Имрӯз шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ дар вилояти Суғд бештар ба армуғонҳои дастисоз майл доранд. Агар чанд сол пеш маҳсулоти заргарӣ, гарданбанду дастпонаҳо аз сангҳои ороишии маҳаллӣ, тоқиҳову халтаҳои дастибоф бо гулдӯзии миллӣ бештар харидорӣ мешуданд, ҳоло номгӯи намудҳои армуғонҳо афзуда, гарданпечҳо аз матои атласу адраси пахтагӣ, табақу табақча ва пиёлаҳои сафолин бо нақшу нигори миллӣ ва тасвири мавзеъҳои таърихиву ёдгориҳои қадимӣ таваҷҷуҳи сайёҳонро бештар ҷалб менамоянд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки меҳмонону сайёҳони хориҷӣ зимни сафар ба Тоҷикистон ғайр аз тамошои мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ҳамзамон ба маҳсули дастранҷи ҳунарҳои мардумӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Онҳо вақти рафтан мехоҳанд аз ин мамлакати куллаҳояш сар ба афлок кашида бо худ армуғонҳо ҳадя баранд.

Ҳоло бахри дар замири ҳар як сайёҳ нақш бастани мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ ва муҳайё намудани дӯкон барои фурӯши армуғони хотирмон дар назди ҳар мавзеи таърихиву сайёҳӣ, аз ҷумла, дар маркази вилояти Суғд - шаҳри Хуҷанд қариб 20 ва дар шаҳри Панҷакент беш аз 10 нуқтаи фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳову металҳои қиматбаҳо, тухфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандӣ ва дастранҷи рассомон ташкил гардидаанд.

Ҳамаи маҳсулоти армуғонӣ аз ҷиҳати сифат ва нарх қобили қабули сайёҳон буда, аксарияти он аз маҳсулоти маҳаллӣ, чун риштаи пахтагӣ ва гилу сангҳои ороишӣ омода шудаанд.

Ба ҷуз ин имрӯзҳо таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро таомҳои хос миллии тоҷикӣ, чун хомшӯрбо, оши палав, мошпиёба, манту, нонҳои фатирӣ, қалама, самбӯсаҳои алафину кадугӣ бештар ҷалб кардаанд. Дар ин робита, аз ҷумла, ҳангоми боздиди сайёҳон аз мавзеи Боғи таърихӣ-фарҳангии "Қалъаи Хуҷанд" ва боздид аз Хона-музеи Ҳоҷа Камол, ки дар саҳни ҳавлии он танӯру ошдон гузошта шудааст, ҳар як сайёҳ бевосита аз нонҳои гарми ҷаззагиву самбӯсаҳои алафину кадугини нав пухташуда тановул карда, оид ба омоданамоии онҳо маълумоти бештар пайдо мекунад.



Дар маҷмуъ, соли 2019 ба қаламрави вилояти Суғд бо мақсади саёҳату тиҷорат ва меҳмонӣ беш аз 925 000 шаҳрвандони хориҷӣ ворид гардидаанд, ки инҳо асосан аз давлатҳои ИМА, Россия, Беларус, Германия, Япония, Чин, Канада, Австрия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон мебошанд. Ҳамзамон давоми соли гузашта қариб 20 ҳазор нафар сайёҳон аз 30 мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, аз ҷумла, қариб 7 ҳазор нафар аз «Қалъаи Хуҷанд» дидан намуданд.

Ҳоло дар қаламрави вилояти Суғд бахри қабули сайёҳон 86 меҳмонхонаву осоишгоҳ бо 6547 ҷой, 46 осорхона ва 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, танҳо давоми соли 2019 дар вилоят 10 ширкати нави сайёҳӣ ва 25 хатсайрҳои нав таъсис ёфтанд.

Дар маҷмуъ, имрӯз дар ҳудуди вилоят 40 ширкати сайёҳӣ, аз он 9 муассиса дар Хуҷанд ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ – Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон ва Шӯрои рушди сайёҳӣ фаъолият доранд.

Ин ҳама дар ҳолест, ки бо ибтикори Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 бо мақсади рушду равнақи зиёд, ҳамзамон муаррифии бештари дастовардҳои соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунармандии мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ дар қаламрави Тоҷикистон Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидаанд.

Вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Суғд, мудири шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Абдумаҷид Раҳимов баён дошт, ки сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ду ҷодаи ба ҳам пайванд ҳисобида мешаванд. Имрӯзҳо дар вилоят бахри муаррифии мавзеъҳои мафтункунандаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои хос дастии мардуми тоҷик ва ҳамчунин тарғибу ташвиқи дастовардҳои ин соҳа тадбирҳои муассир роҳандозӣ гардида истодаанд.

Аз ҷумла, дар заминаи тармиму таҷдиди инфрасохтор, омода намудани маводи иттилоотӣ, қабулу роҳбаладии сайёҳон ва ҷалби бештари сайёҳони дохилию хориҷӣ дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои сайёҳӣ дохиливу берунӣ тадбирҳои судманд андешида шуда, бахри қабули меҳмонон хатсайрҳои дохилӣ низ ташкил карда шудаанд. Маҷмааи таърихию фарҳангии «Қалъаи Хуҷанд», Мақбараи шайх Муслиҳиддин (а. XIV), калонтарин бозори шакли пӯшида дар Осиёи Миёна - «Панҷшанбе», хатсайрҳои «Хуҷанд-Душанбе-Ҳисор», «Хуҷанд-Истаравшан-Айнӣ-Искандаркӯл», «Хуҷанд-Панҷакент-Саразм-Ҳафткӯл», «Панҷакенти бостонӣ», «Зебогии кӯҳҳои Шаҳристон», «Душанбе-пойтахти Тоҷикистон» мисоли равшани ин гуфтаҳоянд".

Инчунин иҳтитоҳи меҳмонхонаи 10-ошёнаи овозадори «Суғдиён», воқеъ дар соҳили рӯди Сир, бунёди роҳи танобӣ ба масофаи як км аз болои дарёи Сир, сохтмони боз як осоишгоҳ ва маркази хизматрасонӣ барои 1000 нафар дар минтақаи Шӯркӯли соҳили «Баҳри тоҷик», бунёди инфрасохтори замонавӣ дар осоишгоҳи «Зумрад»-и шаҳри Исфара ва Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ бо расадхона ва даҳҳои дигар бешак, дар рушди соҳаи сайёҳии вилоят заминаи хуб мегузоранд.

Барои муаррифӣ ва иттилоотонии сайёҳон харитаи сайёҳӣ ва сомонаи сайёҳии вилоят низ бо 5 забон омода гардида, китоби раҳнамои сайёҳии вилоят «Сайёҳӣ ва ҳунармандӣ» ва маҷаллаи «Tajikistan`s Guide», фитта ва буклетҳо бо се забон аз чоп баровара шуданд.

Ғайр аз ин, бо назардошти имкониятҳои васеи мавзеъҳои зиёди табииву нотакрору диққатҷалбкунанда аз ҷониби ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бахри ҷалби ҳарчи бештари теъдоди сайёҳони хориҷӣ пешниҳоди намудҳои гуногуни сайёҳӣ, ба мисли қаикронӣ, аспсаворӣ, кӯҳнавардӣ, экологӣ, соҳилӣ ва табобатӣ низ дар назар аст.

**АМИТ «Ховар»**

***Индекси обунаи рӯзнома:*** 69022
***Суратҳисоби бонкии рӯзнома:*** **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ЧТ «Амонатбонк»**

***Муассис:***
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Учредитель:***
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
- *БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ*

***Сардабир***
**Дилбар ТАБАРОВА**

***Ҳайати таҳририя***
**Ч.Ч. АҲМАДЗОДА**
**П. АМИНЗОДА**

***Саҳифабанд***
**Дониёр САТТОРОВ**

***Нишонии идораи рӯзнома:***
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-07, 227-22-39**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1000** нусха

***Арзиши солонаи обуна:***
78 сомонӣ

***Хабарнигорон:*** Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)
*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*

CMYK